ҶӮРАХОН ОБИДПУР

# СУРУД ва МУСИҚӢ

**Китоби дарсӣ барои синфи 1 - уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

(Нашри дуюм)

*Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст*



ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2018

**УДК 373.167.1.**
**ББК 85.31 Я 72+74.266.7**
**О-14**

**О-14.** Ҷӯрахон Обидпур: **Суруд ва мусиқӣ.** Китоби дарсӣ барои синфи 1-ум. Душанбе: Маориф. 2018, 112 саҳ.

**Муқарризон:** профессор Карим Ҳалимов,
дотсентон Душанбе Қучқоров, Мирзо Саидов

## ХОНАНДАГОНИ АЗИЗ!

*Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳравар шавед ва онро тоза нигоҳ доред! Кӯшиш кунед, ки соли таҳсили оянда ҳам ин китоб ҳамин гуна зебову ороста дастраси хонандагони дигар гардад ва онҳо низ аз он истифода баранд.*

### Ҷадвали истифодаи китоб:

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли таҳсил | Охири соли таҳсил |
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |

**ISBN 978-99947-1-515-2**
**© Маориф, 2018**
**Моликияти давлат**

## *Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон*



**НИШОНИ ДАВЛАТИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**



**ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# *Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Шеъри Гулназар Келдӣ

Мусиқии Сулаймон Юдаков

Диёри арҷманди мо,
Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,
Саодати ту, давлати ту бегазанд бод!
Зи дурии замонаҳо расидаем,
Ба зери парчами ту саф кашидаем, кашидаем,
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Барои нангу номи мо
Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,
Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ.
Хазон намерасад ба навбаҳори ту,
Ки мазраи вафо бувад канори ту, канори ту.
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Ту модари ягонаӣ,
Бақои ту бувад бақои хонадони мо,
Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо,
Зи ту саодати абад насиби мост,
Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост, ҳабиби мост.
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

*Мусиқӣ ибтидо ва интиҳои сухан аст.*
*(Рихард Вагнер)*

# Сарсухан

Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, сурудхонӣ мусиқӣ ва назмро бо ҳам мепайвандад. Суруд барои мактаббачагон аз дигар навъҳои жанрҳои мусиқӣ дастрасу осонфаҳм аст, бинобар ин онҳо сурудхониро дӯст медоранд, бо шавқу ҳавас месароянд ва бо ин роҳ ҳиссиёти худро баён месозанд.

Суруди хуб хонандагонро ба худ ҷалб ва шавқи онҳоро зиёд мекунад. Хонандагон ба воситаи суруд тарзи талаффузи дурусти ҳарфҳо, ҳиҷоҳо ва калимаву ибораҳоро ёд мегиранд ва нутқашон равон мегардад. Аз ин рӯ, бар дӯши омӯзгори мусиқӣ масъулияти ниҳоят бузург гузошта шудааст, ки мактаббачагонро дӯстдори суруду мусиқӣ гардонад; ба онҳо малакаҳои одитарини сароиданро омӯзонад; дар дили хонандагон ҳисси ватандӯстӣ, эҳтироми волидону омӯзгор ва дӯст доштани табиату ҳайвонотро бедор созад.

Ҳадафи китоби мазкур низ дар ҳамин аст, то дар ин самт кори омӯзгорони сурудро осон гардонад.

Дар китоб 25 суруд ҷой дода шудааст, ки 17-тои он бо нақарот суруда мешавад. Сурудҳо дар андоза ва созу лаҳнҳои мухталиф тарҳрезӣ шуда, зарбу усулашон рангин аст.

Диапазони сурудҳо барои хонандагони синфи як-ум мувофиқ буда, сохти оҳанги сурудҳо сода аст. Вазни шеъру мусиқӣ ба ҳам тавъам ва худи сурудҳо хушоҳангу хотирмонанд. Бештари ибораҳои мусиқӣ (мисраъҳои шеър низ) дутақтеиянд, ки дар мавриди аз ёд намудан мушкиле пеш

намеорад. Яъне шакли содаи оҳанг, хушобурангу пуртаъсир будан ва шӯхии он ҳатто хонандагони шармгин ва беҷуръатро низ ба сурудхонӣ ҳавасманд мекунад.

Дар китоб доир ба ҳар як суруд мазмуни барномавӣ ва дастурҳои методӣ, ки кори омӯзгоронро як қадар осон мегардонад, тавсия намудаем. Дар дастурҳои методӣ роҳи осони омӯхтани сурудҳоро ба хонандагон нишон дода, порчаҳои алоҳидаро доир ба ҷойҳои мушкилсарои сурудҳо бо мисолҳо нишон додаем. Омӯзгор бояд пеш аз ёд додани ин ё он суруд тавсияҳои методиро худаш хуб омӯзад ва сипас ба омӯзонидани асарҳо шурӯъ кунад. Маводди тавсияшуда барои беҳгардонии сифати сароянדагӣ, инкишофи шунавоии мусиқӣ аҳамияти калон дорад.

Шунавоии садои баланди мусиқии бисёре аз хонандагони синфи якум кам инкишоф ёфтааст, инчунин тарзи дурусти овозбарории онҳо ташаккул наёфтааст. Бинобар ин омӯзгорон бояд ба машқҳое, ки дар шакли ритмикаи сурудҳо бо як нота (овоз) тавсия шудааст, бештар диққат диҳанд, то ки хонандагон бо овози баланди табиӣ (дод нагуфта, зӯр назада) сурудро сароянд. Ин ҷо нафасгирии дурусти сароянדагӣ низ аҳамияти калон дорад. Ҳамчунин пеш аз оғози ҳар як ибораи суруд мебояд нафаси чуқур гирифт ва ҳаракат кард, ки ибора (фраза) дар як нафас суруда шавад.

Марҳалаи мушкилтарин дар пайдо кардани малакаи сароянדагӣ ҷиҳати таъсирбахшии иҷрои суруд кор бурдан аст: ҳангоми сурудхонӣ бурро талаффуз кардани ҳар як калима; ҳиҷоҳои дар аввали тақтеъ омадаро бо зарба (аксент) ҷудо намудан ва хусусияти тасвир кардани сурудро ба хонандагон ёд додан. Ҳамзамон хусусияти асари мусиқӣ, ҳамбастагии он бо суханро хонандагон бояд дарк

кунанд. Бинобар ин баёни симои матни шеърӣ (назмӣ) яке аз омилҳои муҳимтарини таъсирбахш сароидани суруд мебошад.

Дар қатори суруду мусиқии композиторони шинохта Миратулло Атоев, Қудратулло Яҳёзода, Ҷӯрахон Обидпур ва Абдураҳмон Тошматов, дар китоб сурудҳои композиторони ҷавон Парвина Соҳибова, Назира Ҳамдамова, Ҷамила Рустамова, Ворис Абдураҳмонов ва Т. Аюбов низ дохил карда шудаанд, ки равону дилнавоз ва ҷавобгӯи замонанд.

Дар як соли таҳсил бояд 18 суруд аз бар карда шавад. Боқӣ 7 суруд дар китоб замима шудааст, ки бо хоҳиши омӯзгор мувофиқи мавзӯъ ба ҷойи яке аз сурудҳои ҳатмӣ истифода шуданашон мумкин аст.

Азбаски сурудсароӣ ба аксарияти хонандагони синфи якум бори аввал омӯзонида мешавад, омӯзгор вазифадор аст, ки қоидаҳои одитаринро доир ба ин фан ба онҳо фаҳмонад: дар мавриди нишаста ё рост истода суруд хондан китфҳоро набардошта озод нигоҳ доранд; равону форам сароянд ва ба овози худ бештар гӯш андозанд; ҳангоми сурудхонӣ ҳиҷову ҳарфҳоро бурро талаффуз бикунанд; сурудро таъсирбахшу самимӣ сароянд.

Барои зарбу усулро дурусттар дарк кардани сурудсароён ва осон намудани кори омӯзгорон мо лозим донистем дар ҳама сурудҳо усули дойраро ҳамроҳ кунем ва онро дар як хат дар қатори мусиқии сарахбор ба нота гирем, ки то ба итмом расидани суруд бо ҳамон тарз бояд навохта шавад. Бегумон, ин равиш кори сурудхонон ва ҳам омӯзгоронро як дараҷа осон мегардонад.

Мусиқии Ҷӯрахон ОБИДПУР
Шеъри Халифабобо ҶУМЪАЗОДА

# ЗАНГИ АВВАЛ









1.

Занги нахустин
Бошад гуворо,
Шодӣ физояд
Дилҳои моро.

*Нақарот:*
Ширин садоят (ҳей)
Чун сози дарё.
Бас дилнишинӣ
Бар пиру барно.

2.

Эй занги аввал,
Чун субҳи хониш
Моро бихонӣ
Бар боғи дониш.

*Нақарот:*
Ширин садоят
Чун сози дарё,
Бас дилнишинӣ
Бар пиру барно.

Мусиқии Ҷамила РУСТАМОВА
Шеъри Мирсаид МИРШАКАР

# МАКТАБ

**Moderato** (муътадил)






1.

Эй мактаби мо,
Ту дилрабоӣ.
Эй гулшани мо,
Ту дилкушоӣ.
Панди туро мо
Дорем дар гӯш,
Накарда асло
Онро фаромӯш. } 2 бор

*Нақарот:*

Барои моён
Меҳрубон модар,
Додӣ, дабистон,
Китобу дафтар.
Китобу дафтар. } 2 бор

2.

Гул кун ҳамеша
Чун боғу бӯстон,
Бишкуф ҳамеша,
Эй бахти моён!
Бар ваъдаи хеш
Мо устуворем,
Панди туро мо
Ба ҷо меорем. } 2 бор

*Нақарот:*

Барои моён
Меҳрубон модар,
Додӣ, дабистон,
Китобу дафтар.
Китобу дафтар. } 2 бор

Мусиқии Абдураҳмон ТОШМАТОВ
Шеъри Гулназар КЕЛДӢ

# МАН КИСТАМ?








1.

Ман гули додом,
Булбули бобом.
Ман қанди додом,
Пайванди бобом.
Ман қанди додом, (эй,)
Пайванди бобом.

2.

Ман шери додом,
Панири бобом.
Ман ҷони додом,
Хандони бобом.
Ман ҷони додом, (эй,)
Хандони бобом.

3.

Ман боғи додом,
Чароғи бобом.
Ҳаёти додом,
Наботи бобом.
Ҳаёти додом, (эй,)
Наботи бобом.

***Диапазони суруд:*** ***фа-до$_2$.***

***Мазмуни барномавӣ.*** Омӯзгор бояд дар навбати аввал диққати  хонандагонро ба тозаву эҳсоснок сурудан ҷалб намояд. Ба хонандагон фаҳмондан лозим аст, ки онҳо ба маънои шиноси калимаҳои «бобом», «додом» бо камоли меҳрубонӣ муносибат кунанд.

Ҳангоми омӯзонидани суруд ба хушоҳангии он бештар аҳамият дода шавад. Дар мавриди аз худ кардани матн омӯзгор бояд ба задаи ҳиҷоҳои калимаҳои «бобом» ва «додом» диққат дода, ба тоза сароидани терсияҳо ба болову ба поин ва квартаи ***сол-до$_2$*** ба боло назорат кунад. Бурро талаффуз намудани ҳарфи «м» дар охири калимаҳои «бобом» ва «додом» дар мувофиқат бо оҳанг ниҳоят муҳим аст.

***Дастури методӣ.*** Пеш аз он ки омӯзгор ба омӯзонидани муфассали матну мусиқӣ шурӯъ намояд, ӯ бояд шеърро батамом ба хонандагон қироат кунад ва ритмикаи сурудро дар мисоли як байти аввали шеър ба онҳо ёд диҳад. Бачаҳо қарсак зада, ду мисраъро бо усул бурро қироат кунанд. Дар ин маврид лозим аст, ки онҳо ҳиҷоҳои аввали ҳар як тақтеъро бо зарба (зада) ифода намоянд. Чунончи:




Кори дигаре, ки бояд иҷро кард, ин ҳамон ду мисраъро бо садои ***фа*** ба таври зайл якҷоя сурудани хонандагон аст:



Дар мавриди иҷрои машқ диққат дода шавад, ки пеш аз таваққуф (пауза) хонандагон дар вақташ овозро қатъ карда, давомнокии паузаҳоро низ риоя намоянд. Порчаи мазкурро бо овози начандон баланд бояд сароид, то ки хонандагон тавонанд ба якдигар гӯш диҳанд.

Омӯзгор мусиқии сурудро аз аввал то охир навохта, сарахбори оҳангро, ки аз 10 тақтеъ иборат аст, ба бачаҳо фаҳмонида, онро ду-се бор алоҳида навозад ва пас аз ин ба ёд додани суруд шурӯъ намояд. Сурудро ибора ба ибора ёд додан мувофиқи мақсад аст.

Оҳанги суруд, ки хусусияти хушоҳангӣ дорад, бояд самимонаву форам, бо суръати муътадил иҷро карда шавад.

Мусиқии Ҷӯрахон ОБИДПУР
Шеъри Нақиб САИД

# ВАРЗОБ





1.

Обаки Варзоб
Зам-зама дорад. } 2 бор
Савти дилорош
Шодӣ биёрад. } 2 бор

*Нақарот:*
Водии зебо,
Сабзу муаттар. } 2 бор
Долу дарахташ
Дилкашу дилбар. } 2 бор

2.

Кабки хиромон
Қаҳ-қаҳа дорад. } 2 бор
Савти хушилҳон
Бар ҳама форад. } 2 бор

*Нақарот:*
Водии зебо,
Сабзу муаттар. } 2 бор
Долу дарахташ
Дилкашу дилбар. } 2 бор

***Диапазони суруд:*** ***ре-си b.***

***Мазмуни барномавӣ.*** Дарк кардани хусусиятҳои шодона ва дилнавозии сурудро ба хонандагон фаҳмонида, диққати онҳоро бар он ҷалб намудан лозим аст, ки дар мавриди сурудхонӣ ба овози худ бештар гӯш андохта тавонанд, то ки овозашон тозаву хушсадо бароянд. Лозим аст, ки суруд баъди навозиши сарахбор ду-се бор бо суръати муътадил, бо омӯзгор якҷоя сароида шавад. Барои тоза сароидани квартаи ***ре-сол*** ва квинтаи ***ре-ля*** ба боло ва ба поин машқи зерро иҷро кардан лозим аст. Чунончи:




Ба талаффузи дурусти калимаҳои «зам- зама», «дилорош», «муаттар», «қаҳ- қаҳа», «хушилҳон» диққат дода шавад.

***Дастури методӣ.*** Суруди «Варзоб» дар андозаи шаш-ҳаштякӣ эҷод шуда, созаш ***ре*** минор бо зинаи дуюми пастшуда омадааст, ки онро лаҳни фригиӣ низ меноманд. Лаҳни мазкур чи дар мусиқии халқӣ ва чи дар эҷодиёти композиторони тоҷик серистеъмол аст. Суруд бо 6 тақтеъ навозиши сарахборӣ оғоз шуда, ҳар як ибораи мусиқӣ аз 2 тақтеъ иборат аст, ки он ба як мисраи шеър рост меояд. Қариб ки дар охири ҳамаи ибораҳои оҳанг пауза (таваққуф) омадааст, ки ба озодона нафас гирифтани сурудхонон мусоидат мекунад.

Он шаш тақтеи навозиши сарахборӣ хонандагонро бо лаҳни суруд шинос намуда, онҳоро ба сурудхонӣ омода месозад. Оҳанги суруд содаву равон аст, дар хотири бачаҳо зуд нақш мебандад ва ба онҳо мушкиле пеш намеорад.

Пеш аз он ки омӯзгор сурудро ба хонандагон омӯзонад, агар ӯ дар навбати аввал ритмикаи сурудро ба онҳо ёд диҳад, мувофиқи мақсад хоҳад буд. Мисраи аввали шеърро дар ритмика бо нотаи ***фа*** қарсак зада аз бар намудан лозим аст.




Ба талаффузи ҳиҷои «зоб» аз калимаи «Варзоб» дар ритмикаи машқ диққат диҳед. Ин ҷо ҳарфи «б»- ро бояд бо нотаи ҳаштякӣ баробар талаффуз кард. Дар тақтеи 2-юми машқ пауза (тафаккуф) омада, он ба ними нотаи овоз баробар аст. Диққат дода шавад, ки пеш аз пауза хонандагон дар вақташ овозро қатъ намуда, давомнокии паузаҳоро низ риоя намоянд. Порчаи мазкурро бо овози начандон баланд бояд сароид, то ки бачаҳо тавонанд ба якдигар гӯш диҳанд.

Тавре гуфтем, суруд дар лаҳни ***ре*** *минор* тарҳрезӣ шудааст. Дар лаҳни мазкур зинаи дувуми қаторовозҳо ба ним тон (парда) паст шудааст. Дар мавриди омӯзонидани суруд ба тоза сурудани он бояд диққати махсус дод.



Дар суруд чор мисраъ шеър нақарот омада, диапазони сурудро комилан фаро гирифтааст. Ду нотаи оғози нақарот фосилаи квинтаро ба вуҷуд оварда, омӯзгорро водор месозад, ки дар мавриди сурудхонии хонандагон фосилаи мазкур тоза садо диҳад. Ҳамчунин ба тақтеи сеюми нақарот диққат додан лозим аст, ки дар он чор нота (овоз) аз поин ба боло (аз ***сол*** то ***до***$_2$) пайиҳам суруда мешаванд ва дар тақтеи 5-ум терсия ба поин – ба нотаи ***ля*** ҳаракат мекунад.




Суруд дар васфи яке аз гӯшаҳои хушманзараи Ватани азизамон – дараи Варзоб буда, оби зулолаш нӯши ҷони мардум аст. Аз ин рӯ, сурудро бо шавқу завқи баланд, шодонаву таъсирнок мебояд иҷро кард.

Мусиқии Т. АЮБОВ
Шеъри Б. КАРИМОВ

# ВАТАН








**1.**

Дар мағзи ҷону тан,
Андар вуҷуди ман,
Чун рӯди мавҷзан
Меҷӯшад ин сухан: } 2 бор
Ватан, Ватан, Ватан! } 2 бор

**2.**

Хоку ҳавои ту,
Обу самои ту,
Сидқу сафои ту
Ҷон бахшадам ба тан,} 2 бор
Ватан, Ватан, Ватан! } 2 бор

***Диапазони суруд:*** ***ми b-до$_2$.***

***Мазмуни барномавӣ.*** Хонандагонро ба он ҳидоят кардан лозим аст, ки онҳо нисбат ба Ватану ватандӯстӣ ва ҳисси ватанпарастӣ бо камоли меҳрубонӣ муносибат кунанд. Сурудро бо суръати муътадил иҷро намуда, ба равониву хушоҳангии он бештар аҳамият диҳанд.

Андозаи шаш-ҳаштякӣ дар ин суруд зарбу усули «валс»-ро пеши назар меорад. Аз ин рӯ, нотаҳо пайиҳам ба ҳамдигар бояд пайваст садо диҳанд. Ҳамсадоҳо дар охири калимаҳои «та**н**», «мавҷза**н**», «суха**н**», «Вата**н**» ва амсоли онҳо бурро талаффуз шаванд.

***Дастури методӣ.*** Суруди «Ватан» бо ҳиҷои безадаи пештақтеӣ (затакт) оғоз мешавад, ки пеш аз иҷрои он бояд нафас гирифт. Барои зуд аз бар намудани ритмика (усул)-и суруд омӯзгор бояд мисраи аввалро бо нотаи ***ми b*** бо хонандагон якчанд бор сароянд. Чунончи:




Суруд бо 8 тақтеъ мусиқии сарахбор, ки хонандагонро бо созу садои (пардаи) асосӣ шинос мекунад, оғоз мешавад. Бояд омӯзгор оҳанги сарахборро 2-3 маротиба навозад, то хонандагон онро аз худ кунанд. Якҷо оғоз намудани ҳисса (ҳиҷо)-и пештақтеъ барои ҳама муҳим аст. Дар паузаҳо (таваққуфҳо) сари вақт овозро қатъ кунанд ва аз доираи талаботи усул берун набароянд.

Дар ибораи дуюми суруд мисраи «Чун рӯди мавҷзан» калимаи «мавҷ» бо ду нота пайваст суруда мешавад. Ба иҷрои дурусти он бояд бештар аҳамият дод. Чунончи:




Ҳангоми талаффузи калимаи «Ватан» хонандагон хушҳолӣ, хайрхоҳии худро нисбати Ватан бо қиёфаи худ бояд ифода намоянд.

Сурудро бо ибораҳо (мисраъ ба мисраъ) ёд додан мувофиқи мақсад аст.

Мусиқии Ҷӯрахон ОБИДПУР
Шеъри Алӣ БОБОҶОН

# УСТО ПАРАСТУ






1.

Усто парасту,
Ту пухтакорӣ.
Дар лонасозӣ
Ҳамто надорӣ.

*Нақарот:*
Бе чӯбу тахта,
Бе меху теша,
Созӣ ту лона
Аз гил ҳамеша.

2.

Ҳастӣ ҳунарманд,
Усто парасту.
Ту мекунӣ кор
Аъло, парасту.

*Нақарот:*
Бе чӯбу тахта,
Бе меху теша,
Созӣ ту лона
Аз гил ҳамеша.



Диапазони суруд: ***ре-си***

Мазмуни барномавӣ. Бо эҳсосот сурудан ва тоза овоз баровварданро ба хонандагон ёд дода, қувваи ҳофизаи онҳоро инкишоф ва шавқашонро ба мусиқӣ мунтазам бедор намудан мувофиқи мақсад аст. Тоза сурудани терсияҳои ***ре-фа#, фа-ля*** ба боло ва терсияи ***фа#-ре*** ба поин бояд дар мадди назари омӯзгор бошад. Бурро талаффуз намудани ҳамсадоҳои «д» дар калимаҳои «ҳунарманд» ва «р» дар охири калимаи «кор» низ хеле муҳим буда, инкишоф додани малакаи хонандагон дар ин самт низ вазифаи омӯзгор аст. Ҳиҷоҳои дар аввали тақтеъҳо омадаро бо зарба (зада) талаффуз кардан лозим аст. Чунончи: «Ус-то парас-ту».

***Дастури методӣ.*** Суруди «Усто парасту» дар андозаи ду-чорякӣ эҷод шуда, шаклаш сода ва хушоҳангу бисёр равон аст. Суруд бо 6 тақтеъ мусиқии сарахборӣ оғоз ёфта, хонандагонро бо созу садои (пардаи) асосӣ шинос менамояд. Матни суруд дар васфи парандаи ба одам дӯст ва хеле маҳбуб–парасту, ки дар хонаи одамон лона сохтанаш фоли нек аст, иншо шуда, чӣ тавр лона сохтан ва дар ин роҳ ҳунарманди моҳир будани ин парандаи хурдакаки зебояк васф шудааст.

Мо бояд бо парасту дӯст бошем ва лонаи онро ҳеҷ гоҳ вайрон накунем.

Пеш аз он ки ба омӯзиши суруд шурӯъ намоем, бояд машқи зерро, ки дар созу ритм (усул)-и оҳанги суруди мазкур аст, аз бар кунем. Чунончи:



Иборaҳои суруд, ки ба ҳар як мисраъ рост меояд, 2-тақтей буда, бо паузаи ҳаштякӣ хотима меёбад. Чунин шакли сохти иборaҳо барои хонандагон мувофиқ мебошад, чунки онҳо метавонанд дар паузаи ҳаштякӣ озод нафас гиранд. Оғози суруд дар сеовозагии сози ***ре**-мажор* сохта шудааст ва аз ҷаҳиши терсияҳои калону хурд иборат аст. Боқӣ оҳанги суруд дар зинаҳои пайдарпай омада, аз ҷиҳати равонӣ ба хонандагон мушкиле пеш намеорад. Чунончи, ибораи аввали суруд:




Нақароти суруд дар авҷи оҳанг (зинаи 7-ум) омада, ибора ба ибора ба овози (тони) асосӣ бармегардад. Чунончи, ибораи 1-уми нақарот:




Ҳамин тариқ, суруд дар ду банд сароида мешавад.

Сурудро бояд шодона, навозишкорона ва бо эҳсосоти баланд иҷро кард.



## *Миратулло Атоев*

Атоев Миратулло 7.10.1938 дар деҳаи Ёхсӯи ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Композитори маъруфи тоҷик, Ходими хизматнишондодаи санъати РСС Тоҷикистон (1989), узви Иттифоқи композиторони СССР (1967), дотсент (1993).

Миратулло Атоев дар хурдсолӣ ятим монда, дар хонаи бачагони Кангурт тарбия гирифтааст. Соли 1951 ӯро ба хонаи бачагони боистеъдод ба шаҳри Сталинобод (Душанбеи имрӯза) гузаронидaнд ва ӯ аз ҳамон сол дар мактаби мусиқӣ низ таҳсил кардааст. Солҳои 1955–59 дар омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Сталинобод ва солҳои 1959–65 дар шуъбаи композиторӣ–назариявии Консерваторияи шаҳри Тошканд таҳсил намуда, онро бомуваффақият ба итмом расонидааст.

Атоев Миратулло баъди хатми консерватория ба Душанбе баргашта, солҳои 1965–69 ба ҳайси мудири кафедраи фанҳои назариявии факултаи санъати Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ (пеш ба номи Т.Г.

Шевченко буд), 1971-81 ба ҳайси директори мактаби миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявӣ, 1981–85 ба ҳайси директори омӯзишгоҳи мусиқавии шаҳри Душанбе, 1985 муддати як сол ба ҳайси роҳбари бадеии ансамбли эстрадии «Гулшан», 1986-94 ба ҳайси дотсенти кафедраи фанҳои назариявии Донишгоҳи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода адои вазифа намудааст.

Композитор Миратулло Атоев дар жанрҳои гуногуни мусиқӣ асарҳо эҷод кардааст. Ӯ муаллифи зиёда аз 70 суруд: «Таронаи рӯд» (шеъри М. Турсунзода), «Тоҷикистон» (шеъри М. Ҳайдаршо), «Модарони интизор» (шеъри Ҷ. Каримзода), «Шаҳидони абадзинда» (шеъри Б. Собир), романсҳои «Навои дил» (шеъри М. Иқбол), «Чӣ меравӣ» (шеъри Абдурраҳмони Ҷомӣ) ва ғайраҳо мебошад.

Дар фаъолияти эҷодии Миратулло Атоев асарҳои барои бачагон эҷодкардааш ҷойи намоёнро ишғол менамоянд. Дар ин бахш «Модари ҷон, модарам» (шеъри Б. Раҳимзода), «Кишвари беканор» (шеъри Ҳ. Файзулло), 21 пиесаи бачагона барои фортепиано, суитаи симфонии «Муш ва гурба» (Убайди Зоконӣ), контатаҳои «Дар канори Ватан» ва «Мо бачагони хушбахтем» барои хори бачагона ва оркестри симфониро номбар кардан бамаврид аст.

Композитор як миқдор асарҳо барои созҳои миллӣ эҷод намудааст, ки онҳо репертуари созҳои мазкурро ғанию рангин гардонидаанд: пиесаи консертӣ, рақс, консерт барои рубоб ва фортепиано ва 6 номгӯй пиеса барои дутори бас ва фортепиано. Ҳамчунин якчанд асари хурду калон барои скрипка бо фортепиано ва оркестри симфонӣ ба қалами ӯ тааллуқ дорад.

2 симфония ва достони симфонӣ, зиёда аз 10 асари вокалӣ-симфонии Миратулло Атоев дар рушду нумӯи санъати касбии тоҷик ҳиссаи босазое гузоштааст. Ҳамчунин ӯ асарҳои зиёд барои фортепиано эҷод намудааст, ки дар репертуари пианинонавозон дохил ва дар консертҳо мунтазам иҷро карда мешаванд.

Миратулло Атоев барои театр ва филмҳо низ асарҳо эҷод намудааст. Ҳамчунин ӯ муаллифи 2 балет: «Меҳмони нохонда» ва «Камони сеҳрнок» мебошад.

Композитор Миратулло Атоев дар инкишофи санъати касбии ҷумҳурӣ ҳиссагузор буда, асарҳои ӯ саршор аз меҳру муҳаббат ба Ватан, самимияту лиризми дилнишин ва нафосати хоси мусиқии тоҷикист.

Атоев Миратулло 10 апрели соли 1994 дар шаҳри Душанбе аз олам даргузашт ва дар зодгоҳаш деҳаи Ёхсӯ ба хок супурда шуд.

Мусиқии Миратулло АТОЕВ
Шеъри Нуъмон РОЗИҚ

# БУЗИ АЛО



1.

Ҷигӣ-ҷигӣ, бузи ало,
Эй бузаки чарси бало,
Ду шохи тези ту аҷиб,
Риши дарози ту базеб.
Биё-биё, ҷигӣ-ҷигӣ, } 2 бор
Ҷӯшам туро, ҷигӣ-ҷигӣ.

2.

Аз шири ту пазам панир,
Хамир кунам, пазам фатир.
Кулчаи боҷазза пазам,
Ошаки бомазза пазам.
Хӯрда аз он калон шавам, } 2 бор
Чобуку паҳлавон шавам.



Муаллифи суруди «Бузи ало» композитори маъруф Миратулло Атоев буда, он дар андозаи шаш-ҳаштякӣ эҷод шудааст. Лаҳни суруд мажорӣ бошад ҳам, дар авҷ, дар зинаи ҳафтум (нотаи ***до$_2$#***) ба ним парда (тон) паст шудааст, ки ба тоза сурудани он бояд диққат дод.

Суруди мазкур бо 6 тақтеъ навозиши сарахборӣ оғоз шуда, дар тақтеъҳои 5–6 бо нотаи асосӣ (***ре***) усули оҳанг ба гӯш мерасад. Ибораҳои оҳанг дутақтеӣ буда, саршавии сурудхонӣ дар ҳама ибораҳо пас аз пауза (таваққуф) оғоз меёбад. Ин нозукиҳо дар мавриди омӯзонидани суруд набояд аз мадди назари омӯзгор дур монад.

Пеш аз он ки ба омӯхтани суруд шурӯъ кунем, маънои баъзе калимаҳои барои хонандагон ношиносро ба онҳо фаҳмонидан зарур аст. Аз ҷумла: «ҷигӣ-ҷигӣ», «бузаки чарси бало», пухтани «паниру фатир» ва «кулчаи боҷазза» барин калимаву ибораҳо.

Омӯзгор бояд дар навбати аввал мусиқии сурудро аз аввал то ба охир ба хонандагон якчанд бор навозад. Ҳамчунин, пеш аз он ки хонандагон ба сурудхонӣ шурӯъ кунанд, омӯзгор бояд оҳанги сарахборро 2-3 маротиба алоҳида навозад, то ки хонандагон онро аз худ кунанд. Суруд, ки дар суръати хушҳолона тавсия шудааст, бояд хушҳолона ва бо шодиву тараб иҷро карда шавад.

Мусиқии Ҷӯрахон ОБИДПУР
Шеъри Алӣ БОБОҶОН

# ТУҲФАИ БОБО



Дар иди арча
Ман шеър хондам. } 2 бор
Дар рақсу бозӣ
Ақиб намондам. } 2 бор

*Нақарот:*

Ба ман чапак зад
Бобои барфин. } 2 бор
Бигуфт: офарин,
Бачаи ширин! } 2 бор

Кӯлвори худро
Даррав кушод ӯ. } 2 бор
Хирсаки аҷиб
Туҳфа бидод ӯ. } 2 бор

*Нақарот:*

Ба ман чапак зад
Бобои барфин. } 2 бор
Бигуфт: офарин,
Бачаи ширин! } 2 бор

***Диапазони суруд:*** **ре-си**

***Мазмуни барномавӣ.*** Хусусияти навозишкорона, мунтазам зиндадилонаву рӯҳбаландона суруданро ба хонандагон ёд додан лозим аст, то ки онҳо дар мавриди сароидан ин ҳолатро ба шунаванда баён карда тавонанд. Ба тоза сурудани терсияи ***ре-фа#*** ба боло ва квартаҳои ***фа#- си, ми-ля*** ба боло, бурро талаффуз намудани калимаҳои «даррав», «барфин» ва «офарин», талаффузи дурусти ҳамсадоҳо дар охири калимаҳои «хонда**м**», «намонда**м**», «чапа**к**», «бигуф**т**», «офари**н**», «шири**н**», «кушо**д**», «аҷи**б**» ва «бидо**д**» диққат дода шавад.

***Дастури методӣ.*** Суруди «Туҳфаи бобо» дар андозаи шаш-ҳаштякӣ эҷод шуда, созаш ***ре*** *мажор* ва суръати он шӯх аст. Суруд бо 6 тақтеъ навозиши мусиқӣ оғоз шуда, хонандагонро бо созу садои (тони) асосӣ шинос менамояд. Банди аввал ва дувумро бояд 1-2 нафар яккахон ва нақароти сурудро ҳама (хор) якҷоя иҷро кунанд.

Пеш аз он ки омӯзгор ба омӯхтани суруд шурӯъ намояд, бояд бо ритмика тарзи дуруст қироат намудани ҳар як мисраъро ба хонандагон ёд диҳад.

Чунончи:





Тавре ки ин амалро дар нота ишора намудаем, бисёр муҳим аст, ки ҳиҷоҳои аввали ҳар як тақтеъ бо зарба (зада) талаффуз карда шавад.

Ибораҳои оҳанг ба 2 тақтеъ рост омада, дар баъзе тақтеъҳо шакли нақшаи мусиқӣ дигар шудааст, ки мо онҳоро дар нота нишон додаем. Масалан, мисраи 4-уми банди аввал ба ин шакл бояд суруда шавад:




Шакли нақша дар нақарот низ нисбат ба банди якуму дувум фарқ мекунад. Чунончи, ибораи аввали нақарот ба ин шакл дода шудааст:




Ҳамчунин, талаффузи дурусти мисраи якуму байти дувуми нақарот бо нақшааш дар қиёс бо дигар мисраъҳо ба куллӣ фарқ мекунад. Чунончи:




Мисраъҳое, ки бо талаффузи ритмикиаш аз мисраъҳои умумӣ фарқ мекунанд, бояд якчанд бор бо оҳанг алоҳида суруда шавад.

Оҳанги суруд дилнавозу хотирмон буда, саршори хусусияти хушоҳангист.

Суруд бояд шодона, серҳаракату озодона ва бо шавқу завқи зиёд дар гирди арчаи солинавӣ иҷро карда шавад.

# *Дарс–консерти 1*

Барои санҷидани маҳорат ва муайян кардани дараҷаи амалишавии барномаи таълимӣ дар охири чоряки дуюм зарур аст, ки омӯзгор бо иштироки хонандагони синфи якум бо барномаи консертӣ баромад намоянд. Барномаи консертӣ дар ҳаҷми 15–20 дақиқа аз сурудҳое, ки хонандагон дар чоряки якуму дуюм аз худ кардаанд, тартиб дода шуда, бо иштироки аҳли синф гузаронида мешавад.

Дарс-консерт ба иди Соли нав бахшида шуда, дар охири моҳи декабр баргузор мегардад. Ба он волидон ва роҳбарияти мактаб даъват мегарданд. Ташкил ва баргузор намудани он бевосита ба дӯши омӯзгори суруд гузошта мешавад.

### Барномаи намунавии консерт[1]

1. «Варзоб». Шеъри Нақиб Саид, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур.
2. «Бузи ало». Шеъри Нуъмон Розиқ, мусиқии Миратулло Атоев.
3. «Усто парасту». Шеъри Алӣ Бобоҷон, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур.
4. «Алифбо».Шеъри Нуъмон Розиқ, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур.
5. «Ватан». Шеъри Б. Каримов, мусиқии Т. Аюбов.
6. «Туҳфаи бобо». Шеъри Алӣ Бобоҷон, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур.

---

1 Ҳаҷм ва тартиби баромадҳои консертиро омӯзгор метавонад мувофиқи хоҳиши худ интихоб намояд.

Шеър ва мусиқии Ҷӯрахон ОБИДПУР

# БАРФАК






1.

Барфак борид шабона,
Дар дашту боми хона. } 2 бор
То саҳарӣ, во аҷаб!
Барфак борид ду ваҷаб. } 2 бор
Рӯйи ҳавлӣ сафед шуд,
Сафед навдаи бед шуд.
Зебо шуд дашту даман,
Зебо шуд боғу чаман. } 2 бор

2.

Мо, бачаҳо давидем,
Ба майдонча расидем. } 2 бор
Кардем яхмолакбозӣ,
Бозию даву тозе. } 2 бор
Барфбозии шавқовар,
Ҳам бозии завқовар.
То бегоҳӣ бачаҳо,
Монда набошанд ин ҷо. } 2 бор



***Диапазони суруд:*** ***ре-си***

***Мазмуни барномавӣ.*** Хусусияти шӯхикунон, бо кайфияти хуб баён кардани мазмуни сурудро ба хонандагон ёд додан. Дастаҷамъона ва бо овози дилнишин суруд хондан. Тоза сурудани ҷаҳишҳои овозии ҳаракати оҳанг. Баъди ибораҳои мусиқӣ дуруст нафас гирифтан. Тоза сурудани фосилаҳо: терсияи ***ля - фа #*** ба поин, квартаи ***фа # - си*** ба боло, квинтаи ***ре - ля*** ба боло. Дар авҷи суруд: секундаи хурди ***ля # - си*** ва секундаи афзудаи ***сол - ля #*** ба боло. Каме кашишдор сурудани садонокҳо дар охири калимаҳои «шабон**а**», «хон**а**», «яхмолакбозӣ». Бурро талаффуз намудани ҳамсадоҳо дар охири калимаҳои «дама**н**», «чама**н**», «давиде**м**», «расиде**м**», «шавқова**р**», «набошан**д**» ва «барфа**к**».

***Дастури методӣ.*** Суруди «Барфак» дар андозаи ду-чорякӣ тарҳрезӣ шуда, созаш ***ре*** *мажор* ва оҳангаш равон аст. Ибораҳои мусиқӣ ба 2 тақтеъ (як мисраъ) баробар аст. Суруд бо 6 тақтеъ навозиши сарахбор дар садои (тони) асосӣ қарор мегирад ва хонандагонро бо созу садои оғози суруд шинос месозад. Дар тақтеъҳои 3, 6 ва 7-ум як ҳиҷо бо ду садо (нота) пайваст суруда мешавад. Ҳангоми омӯзонидани суруд ба чунин тақтеъҳо диққати махсус додан лозим аст, то ки хонандагон аз доираи зарбу усул набароянд ва ҳиҷоҳое, ки бо ду нота пайваст суруда мешавад,тоза садо диҳад. Чунончи:




Суруди мазкур дорои авҷ аст ва ин ҷо тағйирот зиёданд. Пеш аз авҷ 2 тақтеъ навозиши мусиқӣ хонандагонро ба сароидани қисми авҷи суруд омода месозад. Дар оҳанги авҷ, пеш аз нотаи ***ля*** аломати тасодуфии **#** ворид шуда, сози мусиқиро ба лаҳни мажори гармоникӣ табдил додааст. Бинобар ин дар тақтеъҳои якум ва дуюми авҷи суруд фосилаҳо дигар шуда, секундаи хурд (***ля#-си***) ва секундаи афзуда (***сол-ля#***) ба вуҷуд омада, ба суруд хусусияти хушоҳангӣ ворид кардааст. Албатта, ин гуна порчаҳои сурудро алоҳида омӯхтан мувофиқи мақсад аст. Чунончи:




Дар иборaи оҳанги боло 2 мисраъ шеър суруда мешавад ва дар 2 ибораи баъдӣ суруд ба сози аслиаш бармегардад.

Бо вуҷуди баъзе тағйироти лаҳнӣ, суруд дилнавозу хотирмон аст ва ҳангоми омӯхтанаш ба хонандагон мушкиле пеш намеорад.

Ҳангоми иҷрои суруд хонандагон бояд манзараи бо барф рӯпӯш шудани ҳавлию дарахтон, кӯҳу пуштаҳо ва бо шавқу завқ яхмолакбозиро пеши назар оварда, сурудро буррову таъсирбахш сароянд.

Мусиқии Ҷӯрахон ОБИДПУР
Шеъри Гулназар КЕЛДӢ

# АЛИФБО






1.

Эй Алифбо, ту ҳастӣ
Дари кушодаи мо.
Аз ту гузашта равем
Мо ҳама сӯйи фардо. } 2 бор

Накарот:
Модар агар ягонаст,
Ту ҳам ҳастӣ ягона.
Туӣ сафои дилҳо,
Туӣ чароғи хона. } 2 бор

2.

Касе агар надонад,
Қадри туро чу нодон.
Монанди кӯр набинад,
Офтобаки дурахшон. } 2 бор

Накарот:
Модар агар ягонаст,
Ту ҳам ҳастӣ ягона.
Туӣ сафои дилҳо,
Туӣ чароғи хона. } 2 бор



***Диапазони суруд:*** ***ре-си b.***

***Мазмуни барномавӣ.*** Тозаву бо овози хуш суруданро инкишоф дода, ба озодонаву равон сароидани суруд мунтазам диққат дода шавад. Ба хонандагон ёд додан лозим аст, то ки онҳо ҳангоми сурудро аз бар намудан хусусияти идона, рӯҳбаланду шодона суруданро дар худ эҳсос кунанд ва онро баён карда тавонанд. Квартаи ***ре-сол*** ба боло ва терсияи ***ре-фа #*** - ро ба боло тоза суруда, мисраъҳоро бурро талаффуз кунанд. Диққат додан лозим аст, ки ҳамсадоҳо дар охири калимаҳо наафтода, бурро талаффуз карда шаванд.

***Дастури методӣ.*** Суруди «Алифбо» дар андозаи шаш–ҳаштякӣ эҷод шуда, созаш ***ре*** *мажор* ва суръати он хушҳолона мебошад. Суруд бо 6 тақтеъ навозиши сарахборӣ оғоз мешавад ва хонандагонро бо созу садои (тони) асосӣ шинос месозад. Оҳанги суруд равон ва ибораҳои он аз 2 тақтеъ иборат аст. Хонандагон бояд дар охири ҳар як ибора нафас гиранд.

Пеш аз он ки омӯзгор сурудро ба омӯзондан шурӯъ кунад, бояд ӯ ритмикаи оҳангро бо нотаи ***фа #*** ба хонандагон ёд диҳад. Ҷумлаи мусиқиро, ки баробари дарозии як байт аст, якчанд бор бо хонандагон такрор кунад. Чунончи:




Сурудро ибора ба ибора ба хонандагон ёд додан мувофиқи мақсад аст.

Суруд аз нақарот иборат аст. Пеш аз оғози нақарот 2 тақтеъ оҳанги навозишӣ омадааст, ки хонандагонро барои сурудани он омода месозад. Дар тақтеи 3–4-уми нақарот аломати тасодуфии ***си b*** вомехӯрад, ки ба кашиши табиии оҳанг хос аст. Чун дар тақтеъҳои 2–3-юми нақарот ба фосилаи терсияи хурд (***сол-си b***) ва дар тақтеи 4-ум (***ля-си b***) секундаи хурд ба вуҷуд омадааст, бояд диққати махсус дода шавад. Чунончи:

"Алиф




Матни суруд дар васфи китоби «Алифбо» буда, хонандагон самимияту миннатдории худро нисбат ба он изҳор менамоянд. Хонандагони синфи як сурудро дар иди Алифбо бояд бо шавқу завқ, зиндадилона ва таъсирбахш иҷро кунанд.

Мусиқии Назира ҲАМДАМОВА
Шеъри Наримон БАҚОЗОДА

# МАН ТУ БАРИН





1.

Ай, ту ниҳоли мевадор,
О, ки шинонамат баҳор.
Об диҳам, расо диҳам,
Серу пурӣ ғизо диҳам.

*Нақарот:*

Ҳар ду расем нозанин,
Ман ту барин, ту ман барин. } 2 бор

2.

Сояи ту саодатам,
Ҳосили ту ҳаловатам.
Хидмати ман барои ту,
То ки ба сад дарой ту.

*Нақарот:*

Ҳар ду расем нозанин,
Ман ту барин, ту ман барин. } 2 бор

***Диапазони суруд:*** ***до#-си***

***Мазмуни барномавӣ.*** Бо овози хуш суруданро инкишоф дода, омӯзгор бар он кӯшад, ки хонандагон аз сурудхонӣ худашон ҳаловат баранд ва ба суруду мусиқӣ шавқ пайдо кунанд, ба мазмуни шеър сарфаҳм рафта, ҳангоми сурудхонӣ дар чеҳраи онҳо хушҳолӣ мушоҳида гардад. Бояд кӯшид, ки хонандагон ҷаҳиши овоз дар фосилаи квинта (***ре-ля*** ба боло), терсияҳои (***ми-до#*** ба поин), ***ми-сол*** ва ***сол-си***-ро ба боло тоза сароянд. Калимаҳои «шинонамат», «саодатам» ва «ҳаловатам», ки ҳар кадомашон дорои ду ҳиҷои заданоканд, дуруст талаффуз карда шаванд. Ҳамсадоҳо дар охири калимаҳои «мевадо**р**», «баҳо**р**», «диҳа**м**», «нозани**н**», «саодата**м**», «ҳаловата**м**» ҳангоми сурудхонӣ наафтода, бурро талаффуз карда шаванд.

***Дастури методӣ.*** Суруди «Ман ту барин» дар андозаи шаш-ҳаштякӣ эҷод шуда, созаш ***ре*** *мажор* ва суръаташ хушҳолона ишора шудааст. Суруди мазкур бо 6 тақтеъ навозиши мусиқии сарахборӣ оғоз мешавад ва ҳар як иборai оҳанг аз 2 тақтеъ иборат аст. Баъди ҳар як ибора як тақтеъ навозиши мусиқӣ омада, ба сурудхонон имкон медиҳад, ки онҳо дар ин маврид ба сурудани иборai дигар хубтар омода шаванд.




Пеш аз он ки омӯзгор ба ёд додани суруд шурӯъ кунад, лозим аст, ки ӯ хонандагонро ба мазмуни шеър ва қироати дурусти мисраъҳо шинос намояд. Ба ин мақсад, бояд

ритмикаи оҳангро бо як мисраъ бо нотаи ***ля*** якчанд бор бо хонандагон сароянд. Чунончи:




Ба тақтеи 2-юм диққат диҳед: дар ритмикаи оҳанг ҳиҷои «ме» аз калимаи «мевадор» бо ду нота пайваст суруда мешавад. Дар ин тақтеъ бар он бояд кӯшид, ки хонандагон аз доираи зарбу усули оҳанг набароянд. Ҳамчунин диққат дода шавад, ки ҳангоми омӯхтани суруд терсияи хурди ***ми-до#*** ба поин тоза садо диҳад. Чунончи:




Дар ду тақтеи аввали оҳанг баъзе дигаргуниҳо ҷо дорад. Аз ҷумла, дар тақтеи аввали оҳанг ҳиҷои «сем» аз калимаи «расем» бо нотаи ҳаштякии баъдӣ пайваст шуда, кашиши замонии ҳиҷоро дароз кардааст. Ғайр аз ин, ҳамон як тақтеъ навозиши мусиқӣ, ки пас аз ибораҳои суруд ҷо дошт, дар нақарот вуҷуд надорад.

Суруд дар бораи ниҳол шинонидану онро ғизо дода ба воя расонидан аст. Он бояд бо самимияту ҳиссиёти баланд иҷро карда шавад.

Мусиқии Ҷӯрахон ОБИДПУР
Шеъри Собир СУЛТОН

# МОДАРАМ






1.

Модарам дар синфи мо
Ёд медиҳад «Алифбо».
Қавлаш яку кораш як,
Гуфтору рафтораш як. } 2 бор

*Нақарот:*

Дар синфи як мехонам,
«Алифбо»-ро медонам.
(Ла ла ла ла, ла ла ла ла,
«Алифбо»-ро медонам.) } 2 бор

2.

Ба гуфти модарҷонам,
Модари меҳрубонам
Доимо хубу аъло
Хондан вазифаи мо. } 2 бор

*Нақарот:*

Дар синфи як мехонам,
«Алифбо»-ро медонам.
(Ла ла ла ла, ла ла ла ла,
«Алифбо»-ро медонам.) } 2 бор

Тоҷикистони зебо
Бошад яктои дунё.
Модарҷони мо яктост,
Муаллимаи доност. } 2 бор

*Нақарот:*

Дар синфи як мехонам,
«Алифбо»-ро медонам.
(Ла ла ла ла, ла ла ла ла,
«Алифбо»-ро медонам.) } 2 бор



*Диапазони суруд:* ***ре-до$_2$***

***Мазмуни барномавӣ.*** Ба хонандагон хусусияти шодона ва навозишкоронаи сурудро фаҳмонидан. Сурудро дар суръати марш, бо овози табиӣ иҷро кардан. Ба хусусияти навозиши сарахбори суруд диққат дода, онро аз бар намудан. Ҷаҳишҳои оҳангро ба терсияҳои ***ре-фа, фа-ля, ля-до$_2$*** ба боло тоза сурудан. Ҳиҷоҳои дар аввали тақтеъ омадаро бо зада ҷудо намудан. Ҳангоми сурудхонӣ диққат додан ба талаффузи дурусти ҳамсадоҳои охири калимаҳои «модара**м**», «мехоне**м**», «медиҳа**д**», «рафтора**ш**», «медоне**м**», «модарҷона**м**», «меҳрубона**м**», «яктос**т**» ва «донос**т**».

***Дастури методӣ.*** Дар суруд фосилаҳои терсиядор кам нестанд. Бинобар ин омӯзгор бояд машқи овозро, ки дар сеовозагии сози ***ре-*** *минор* тарҳрезӣ шудааст, бо хонандагон якчанд бор такрор ба такрор сарояд. Чунончи:




Суруди «Модарам» дар андозаи ду-чорякӣ эҷод ва бо 6 тақтеъ навозиши сарахборӣ оғоз гардидааст. Хонандагон сарахборро шунида, бо сози суруд ошно ва ба сароидан омода мешаванд.

Дар оғози суруд ба нотаи якуми тақтеи аввал бояд диққат дод, ки он аз нотаи зинаи 5-уми лаҳн аст ва фуроварди оҳанги сарахбор бошад, дар нотаи ***ре-*** зинаи 1-ум қарор гирифтааст, ки якбора суруданаш барои хонандагон андак мушкилӣ меорад. Дар ин маврид лозим аст, ки баъди навозиши сарахбор омӯзгор бо хонандагон саршавии сурудро якҷо сароянд.

Чор мисраи пеш аз нақароти сурудро бояд 1-2 нафар духтар чун яккахон иҷро кунанд. Нақаротро ҳама (хор) якҷо сароянд. Дар порчаи оҳанги яккахон дар ҷумлаи дуюми он терсияҳои ***ре-фа*** ва ***фа-ля*** вомехӯрад, ки ба тоза сурудани онҳо бояд диққат дод. Чунончи:



Суруд аз нақарот иборат буда, онро бояд ҳама сароянд. Дар оҳанги нақарот баъдиибораҳои мисраи якум ва дуюм дутақтей навозиши мусиқӣ омадааст, ки онҳоро бояд аз бар кард. Ҳамчунин як ибораи оҳанг бо ҳиҷоҳои «ла-ла» суруда мешавад ва дар тақтеи дуюми он нақшаи оҳанг тағйир ёфтааст. Дар мавриди иҷрои ибораи мазкур бояд бар он кӯшид, ки хонандагон аз доираи зарбу усул берун набароянд. Чунончи:




Ҳамин тарз, суруд дар 3 банд иҷро карда мешавад. Азбаски суруд дар васфи модар аст, онро бояд хонандагон ниҳоят дилнавоз, пуртаъсир, бо шавқи зиёд ва овози хуш сароянд.

Мусиқии Ҷӯрахон ОБИДПУР
Шеъри Алӣ БОБОҶОН

# ВАРЗИШ






1.

Яку дую сею чор,<br>
Дилҳои мо беқарор. } 2 бор<br>
Ба варзиши навбатӣ<br>
Саф бастаему тайёр. } 2 бор

*Нақарот:*

Мо чолоку чаққонем,<br>
Мо пайиҳам равонем.<br>
Аз варзиши пагоҳӣ<br>
Ҳаргиз қафо намонем. } 2 бор<br>
(Ҳо бале, ҳо бале,<br>
Ҳо бале, бале.) } 2 бор

2.

Субҳдам хеста аз хоб,<br>
Худро диҳем обу тоб. } 2 бор<br>
Варзиш ба мо бибахшад,<br>
Хурсандии беҳисоб } 2 бор

*Нақарот:*

Мо чолоку чаққонем,<br>
Мо пайиҳам равонем.<br>
Аз варзиши пагоҳӣ,<br>
Ҳаргиз қафо намонем. } 2 бор<br>
(Ҳо бале, ҳо бале,<br>
Ҳо бале, бале.) } 2 бор



***Диапазони суруд:*** ***ре-си***

***Мазмуни барномавӣ.*** Ба хонандагон хусусияти рӯҳбаландона, шодонаву идонаи сурудро фаҳмонида, онро дар суръати марш, серҳаракату бо овози табиӣ иҷро намудан. Диққат додан ба хусусияти навозиши сарахбор, ки зарбу усулаш қадамзаниро мемонад. Дақиқу зина ба зина ба боло баён намудани ҳаракати оҳанг. Тоза сурудани ҷаҳишҳои оҳанг ба квинта (***ре-ля***) ба боло, ба кварта (***фа#-си, ми-ля***) ба боло, ба терсияҳои ***фа#-ре*** ба поин ва ***сол-си*** ба боло. Ҳамсадоҳоро дар охири калимаҳои «бекаро**р**», «тайё**р**», «чақоне**м**», «равоне**м**», «намоне**м**», «бибахша**д**», «хо**б**» бурро талаффуз намудан.

***Дастури методӣ.*** Суруди «Варзиш» дар китоб ягона оҳангест, ки бо зарбу усули суръати марш омадааст. 6 тақтеъ

навозиши сарахборӣ аз хусусияти мусиқии маршӣ будани суруд дарак медиҳад. Сарахбор дар тақтеи 5-ум дар садои асосӣ – ***ре*** қарор гирифта, хонандагонро бо сози мусиқӣ шинос ва ба сурудхонӣ омода месозад.

Суруд дар андозаи ду-чорякист. Ҳама ҳиҷоҳои мисраъҳо (ғайр аз ҳиҷои охир) бо нотаҳои ҳаштякӣ якзайл (баробар) сароида мешаванд. Агар хонандагон ҳангоми омӯхтани суруд қарсак зада ё ки ба воситаи усули дойра ритмикаи оҳангро бо нотаи ***ре*** аз бар кунанд, мувофиқи мақсад мебуд. Чунончи:




Нақарот дар авҷи суруд тарҳрезӣ шуда, баъди иборaи якум ва дувум 2 тақтеи навозиши мусиқӣ омадааст, ки дар ин маврид хонандагон метавонанд озодона ба сурудани ибораи баъдӣ омода шаванд. Дар тақтеи аввали нақарот ҷаҳиши оҳанг ба боло, квартаи ***фа#-си-*** ро ба вуҷуд овардааст. Диққат бояд дод, ки фосилаи мазкур тоза суруда шавад. Чунончи, ибораи аввали нақарот:



Нақарот аз ду ҷумлаи мусиқӣ иборат буда, ба 4 мисраъ шеър баробар аст. Дар фуроварди нақарот порчае бо ибораи «ҳо бале» илова шуда, сурудро барои хонандагон ҷолибу мароқангез гардонидааст. Дар ду тақтеи аввал бо такрори ибораи «ҳо бале» дар ҳиссаи 2- юми тақтеъ аломати зада (аксент) ишора шудааст, ки ин гуна нотаҳо бояд бо зарба иҷро карда шавад. Чунончи:




Тавре ки аз номи суруд бармеояд, мазмуни матн хонандагонро ҳар пагоҳӣ ба варзиши бадан даъват менамояд ва мусиқӣ низ ин мазмунро комил месозад. Ба ҳамагон маълум аст, ки баъди варзиши пагоҳӣ кас худро чолоку солим ҳис мекунад ва ин амал ба саломатӣ низ фоида дорад. Аз ин рӯ, сурудро бояд зиндадилона, шодонаву озодона ва бо шавқу завқи баланд иҷро кунанд.

## *Қудратулло Яҳёзода*



Қудратулло Яҳёзода (Яҳёев) 1-уми декабри соли 1946 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Композитори тоҷик, Аълочии маданияти СССР (1987), Аълочии фарҳанги Тоҷикистон (1996), Арбоби Ҳунари Тоҷикистон (1991) мебошад.

Қ. Яҳёзода соли 1967 (таҳти роҳбарии Г.С. Александров) омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе ва соли 1972 Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Гнесинҳои шаҳри Маскавро (синфи композитсияи А.И. Хачатурян) хатм намудааст. Ӯ худи ҳамон сол ба Душанбе баргашта, дар вазифаҳои гуногун кор кардааст: солҳои 1972-74 муаллими омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе; 1974-77 сармуҳаррири Сарредаксияи мусиқии Радиои Тоҷикистон; 1977-89 мудири қисми мусиқии Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи А. Лоҳутӣ; 1989-93 сармуҳаррири Сарредаксияи мусиқии Радиои тоҷик; 1993-96 мудири кафедраи созҳои мусиқии Донишгоҳи

давлатии омӯзгории Тоҷикистон ва аз соли 2004 профессори ҳамин кафедра, аз соли 1996 сармутахассиси Раёсати санъати Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Фаъолияти эҷодии Қ. Яҳёзода аз замони таҳсил дар омӯзишгоҳ оғоз ёфтааст. Ӯ дар солҳои таҳсилаш дар омӯзишгоҳи мусиқӣ якчанд асар дар жанрҳои гуногун эҷод кардааст, ки прелюдияҳо барои фортепиано, соната барои валторна ва фортепиано, инчунин якчанд пиеса барои созҳои мухталиф маҳсули он солҳоянд.

Фаъолияти эҷодии серсоҳаву гуногунжанри Қ. Яҳёзода асосан аз нимаи дуюми солҳои 70 шурӯъ шудааст. 5 суита, достони симфонии «Хотирот» ва достони симфонии «Суруди ҳофиз», ки ба Ҳофизи халқии РСС Тоҷикистон – Акашариф Ҷӯраев бахшида шудааст, аз ҷумлаи асарҳои калонҳаҷмеанд, ки дар эҷодиёти ӯ мавқеи муҳимро ишғол намудаанд.

Композитор Қ. Яҳёзода то имрӯз асарҳои зиёде дар жанрҳои гуногун эҷод намудааст. Аз ҷумла: «Тоҷикистони ман» – суита барои оркестри симфонӣ, симфонияи «Ёдбуди Талбак Лолаев», достони симфонии «Суруди шаҳр», асарҳои камеравӣ, силсилаи рақсҳо барои созҳои мухталиф ва ғ. гувоҳи фаъолияти сермаҳсули композитор аст. Ҳамчунин ӯ зиёда аз 50 суруд ба ашъори шоирони классик ва муосир эҷод намудааст, ки аксарияти онҳо дар хазинаи Радиои тоҷик маҳфузанд. «Закоти чашм» (ғазали Хусрави Деҳлавӣ), «Ватан» (шеъри Ф. Ансорӣ), «Табассум кард» (шеъри А.Шукӯҳӣ), «Тоҷикистон» (шеъри А. Қодирӣ), «Чилкокул» (шеъри Лоиқ Шералӣ), «Шукрона» (шеъри Ҳ. Қурбонова ) ва даҳҳо сурудҳои дигар бо ҳамовозии оркестри созҳои миллӣ,

ансамблҳои созҳои миллию эстрадӣ эҷод шудаанд, ки дар байни мардум маълуму машҳуранд.

Қ. Яҳёзода дар соҳаи мусиқии театрӣ низ қувва озмуда, ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидааст. Ӯ ба 6 спектакл мусиқӣ эҷод намудааст. «Дилшод»-и А. Сидқӣ, «Дили шоир»-и Р. Ҷалил, драмаи мусиқии «Ҷони ширин»-и Н. Исломов, «Тоҳир ва Зуҳро»-и М. Турсунзода ва ғ. аз ҷумлаи чунин офаридаҳоянд.

Композитор Қудратулло Яҳёзода дар эҷоди сурудҳо барои кӯдакон ва махсусан, офаридани оҳангҳо ба спектаклҳои хурдсолон саҳмгузорӣ кардааст. Мусиқии спектаклҳои «Гилеми кабуд»-и Т. Аҳмадхонов, «Бахтатро бедор намо»-и Н. Бақозода, «Харгӯши боақл»-и Ш. Қиёмов, «Зебак» (театри лӯхтак) ва амсоли онҳо аз маҳорати касбии Қ. Яҳёзода гувоҳӣ медиҳанд.

Маҷмӯаи сурудҳои бачагонаи композитор бо номи «Кабӯтарак» (1993), «Булбулакон, сароед» ва «Обаки ширин» (ҳарду 2003) аз чоп баромаданд.

Қудратулло Яҳёзода аз нахустин композиторони тоҷик мебошад, ки барои эҷоди беҳтарин достони симфонии «Ёдбуди Талбак Лолаев» бо медали нуқраи А.В. Александров қадршиносӣ шудааст. Аз соли 1972 узви Иттифоқи композиторони СССР буд. Бо ордени «Шараф» қадр шудааст. Соли 2004 сазовори Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ гардидааст.

Мусиқии Қудратулло ЯҲЁЗОДА
Шеъри Юсуфҷон АҲМАДЗОДА

# ҚОҚУ






1.

Қоқу сари раҳ,
Қоқу лаби ҷар,
Хуршеди баҳор
Тобад ба назар. } 2 бор

*Нақарот:*
Пар-пар зада гул,
Чун рӯйи Хумор,
Бишкуфта чаман,
Хуршеди баҳор.

2.

Як дона ба ту,
Як дона ба ман,
Хуршеди баҳор,
Дар боғу чаман. } 2 бор

*Нақарот:*
Пар-пар зада гул,
Чун рӯйи Хумор,
Бишкуфта чаман,
Хуршеди баҳор.

***Диапазони суруд:*** ***до-до$_2$***

***Мазмуни барномавӣ.*** Муваффақиятҳои сурудсароии хонандагонро бояд мустаҳкам кард, то ки онҳо хусусияти шодона ва зиндадилонаи сурудро қабул ва баён карда тавонанд. Сурудро ботартиб ва хушҳолона сароянд. Тоза сурудани терсияҳо ба боло ва ба поин машқ карда шавад. Ҳамсадоҳоро дар охири калимаҳои «раҳ», «ҷар», «баҳор», «назар», «хумор» ва «чаман» бурро талаффуз намоянд.



***Дастури методӣ.*** Зарбу усули суруди «Қоқу» дар китоб барои хонандагон чизи нав буда, ритмикааш андак мушкил бошад ҳам, оҳанги суруд дилнавозу хотирмон аст. Таъкид мекунем, ки суруд дар суръати «Валс», яъне дар як зарб (бо шуморидани 1, 2, 3) иҷро карда мешавад. Пеш аз он ки омӯзгор ба омӯзонидани суруд шурӯъ кунад, лозим аст, ки ритмикаи онро бо нотаҳои ***ми-сол*** (машқи зер) ба хонандагон ёд диҳад. Чунончи:




Пеш аз омӯзиши суруд бояд мазмуни шеър ба хонандагон фаҳмонида шавад. Мавзӯи шеър низ дар китоб чизи нав аст. Бояд аз хонандагон пурсид, ки оё онҳо қоқуро медонанд? Оё бачаҳо медонанд, ки одамон қоқуро истеъмол мекунанд? Онро чӣ тавр истеъмол мекунанд?

Суруди «Қоқу» бо 12 тақтеъ навозиши сарахборӣ оғоз шуда, созаш ***до*** *минор* аст. Ибораҳои мусиқӣ аз 2-тақтеӣ иборат буда, баробар ба 1 байт мебошад. Дар мавриди омӯзиши суруд ба тоза сароидани терсияҳои ***ми-сол, сол-си*** ба боло, ***сол-ми*** ба поин ва квартаҳои ***сол- до***$_2$ ба боло ва ***до***$_2$***-сол*** ба поин бояд бештар диққат дод. Ҳамчунин дар оҳанг як ҳиҷо бо ду нота (овоз) пайваст суруда мешавад, ки дар мавриди аз бар намудани суруд аз мадди назари омӯзгор бояд дур намонад. Чунончи:



Нақароти суруд бо 4 мисраъ шеър тарҳрезӣ шуда, мазмуни 4 мисраи аввалро комилтар месозад ва барои хонандагон мушкиле пеш намеорад, чунки дар он ритмикаи оҳанг тағйир наёфтааст. Чунончи:




Ҳамин тариқ, суруд дар ду банд иҷро мешавад ва бо 4 тақтеъ дар нотаи (овози) ***сол*** (зинаи 5-уми соз) бо калимаи «қоқу» ба итмом мерасад.

Сурудро бояд бо кайфияти хуб, сабуку равон ва бо овози маҳину табиӣ иҷро кард.

Мусиқии Ҷӯрахон ОБИДПУР
Шеъри Наримон БАҚОЗОДА

# ГУЛДАРА





1.

Дар дараи Гулдара
Лола расад яксара. } 2 бор
Яксара хандон ҳама,
Шоду ғазалхон ҳама. } 2 бор

*Нақарот:*
Савти ҳазор, ассалом.
Фасли баҳор, ассалом! } 2 бор

2.

Ин тарафат пит-пилиқ,
Он тарафат чиқ-чириқ, } 2 бор
Қақра-қақар кабкакон,
Чаҳчаҳа- чаҳ булбулон. } 2 бор

*Нақарот:*
Савти ҳазор, ассалом.
Фасли баҳор, ассалом! } 2 бор

***Диапазони суруд:*** ***ре-си***

***Мазмуни барномавӣ.*** Ҳисси бо камоли меҳрубонӣ муносибат кардани хонандагонро ба суруди хусусияти хушҳолонадошта мунтазам инкишоф додан; ифоданок (бо зада) талаффуз намудани ҳиҷоҳои аввали тақтеъҳо; дар охири ибораҳои мусиқӣ, ки ба 2 тақтеъ рост меояд, якҷо нафас гирифтан бояд зери назорати омӯзгор қарор гирад. Диққат додан ба тоза сурудани квартаи ***фа#-си*** (нотаи охири тақтеи 4-ум ва нотаи аввали тақтеи 5-ум) ба боло, терсияи ***ре-фа#*** ва ***ми-сол*** дар нақароти суруд. Каме кашишдор талаффуз намудани садонокҳо дар охири калимаҳои «Гулдар**а**», «яксар**а**» ва «ҳам**а**». Бурро талаффуз намудани ҳамсадоҳо дар охири калимаҳои «хандо**н**», «ғазалхо**н**», «ҳазо**р**», «баҳо**р**», «ассало**м**», «кабкако**н**», «булбуло**н**» ва амсоли инҳо.

Калимаҳои «пит-пилиқ», «чиқ-чириқ», «қақра-қақар» ва «чаҳчаҳа-чаҳ», ки талаффузашон барои хонандагон андаке мушкил аст, бояд алоҳида бо ҳиҷоҳо ҷудо намуда, аз бар карда шаванд. Чунончи: «пит-пи-лиқ».

***Дастури методӣ.*** Мусиқии суруди «Гулдара» содаву равон аст, чунки дар андозаи ду-чорякӣ тарҳрезӣ шудааст. Сози суруд ***ре*** *мажор* буда, ибораҳои мусиқӣ аз ду тақтеъ иборатанд. Суръати сурудро муаллиф хушҳолона муайян кардааст.

Суруди мазкур бо 6 тақтеъ навозиши сарахборӣ оғоз шуда, дар тақтеъҳои 4-ум ва 5-ум (зинаҳои 1-ум ва 5-ум) ба шакли усул тарҳрезӣ шудааст, ки хонандагонро ба сурудхонӣ омода месозад.

Пеш аз он ки омӯзгор ба омӯзонидани суруд шурӯъ намояд, бояд дар навбати аввал ритмикаи сурудро бо са-

дои ***ре,*** бо қироати як байт ба хонандагон ёд диҳад. Ҳангоми қироати шеър, тавре ки мо дар болои нотаҳо ишора намудаем, ҳиҷоҳои аввали ҳар як тақтеъро бояд бо зада ифода кард. Чунончи:




Ҳолати дигаре, ки бояд омӯзгор ба он диққат диҳад, оғозшавии суруд аст, ки аз зинаи 5-ум (нотаи ***ля***) оғоз мешавад. Омӯзгорро лозим аст, ки сарахборро ду-се бор навозад ва ду тақтеи оғози сурудро бо хонандагон сарояд. Бо ин кор ӯ хонандагонро ба бехато сурудани оғози суруд омода месозад.

Суруд дар ҳаҷми як байт аз нақарот иборат аст. Дар мавриди ёд додани нақарот ба тоза сурудани терсияҳои ***ре-фа#*** ва ***ми-сол*** бояд диққат дод. Чунончи:




Хонандагон дар мавриди сурудхонӣ бояд тасаввур кунанд, ки онҳо дар фасли баҳор ба сайру гашт баромадаанд ва дар дарае қарор доранд, ки он саросар пур аз гули лола аст. Манзара дар чашмашон ниҳоят зебову дилкаш намуда, онҳоро ба завқ меорад, ки суруд хонанд. Суруд бояд шодонаву рӯҳбаланд, бо шақу завқ, таъсирбахш иҷро карда шавад.

Шеър ва мусиқии Ҷӯрахон ОБИДПУР

# ГУЛИ ЛОЛА





1.

Лола гули худрӯй аст,
Лола гули хушрӯй аст.
Дар гирди санг аст лола,
Сурху хушранг аст лола.

*Нақарот:*
Ла-ла-ла-ла, ла-ла-ла-ла,
Дашту даман пурлола.

2.

Ҳар ҷо ки лола рӯяд,
Он ҷо зебо намояд.
Лола рӯяд ҳар баҳор,
Онро ҳама интизор.

*Нақарот:*
Ла-ла-ла-ла, ла-ла-ла-ла,
Дашту даман пурлола.

***Диапазони суруд:*** ***до-си b***

***Мазмуни барномавӣ.*** Хусусияти маҳину хушоҳанг ва бе шитобкорӣ сурудхониро ба хонандагон ёд дода, бар он бояд кӯшид, ки овозҳо бо ҳам пайвасту кашишдор садо диҳад. Ба тоза сароидани секундаи афзудаи ***ми b-фа#*** ба боло дар тақтеъҳои 2, 4, 7, 10, 12-ум, ***фа#-ми b*** ба поин дар тақтеъҳои 7, 10, 11-ум, терсияҳои хурди ***фа #-ля, до-ми b*** ба боло дар тақтеъҳои 5, 8-ум ва терсияи калони ***фа#-ре*** ба поин дар тақтеъҳои 2, 4-ум диққат дода шавад. Ба тарзи талаффузи дурусти калимаҳои «хушранг **а**ст» ва «муатт**а**р» бояд диққат дод.

***Дастури методӣ.*** Суруди «Гули лола» дар андозаи шаш-ҳаштякӣ эҷод шуда, созаш ***сол*** *минор* (гармоникӣ) буда, суръаташро муаллиф муътадилу хушоҳанг муайян намудааст. Ҳар як иборaи мусиқӣ аз ду тақтеъ иборат буда, ба як мисраи шеър баробар аст. Ҳангоми иҷрои суруд баъди ҳар як ибора бояд нафас гирифт, тавре ки дар нотаи суруд ишора шудааст.

Пеш аз он ки омӯзгор ба омӯзонидани суруд шурӯъ кунад, лозим аст, ки хонандагонро ба мазмуни шеър ва қироати мисраъҳо шинос намояд. Бо ин мақсад ритмикаи оҳангро бо як мисраъ бо нотаи ***фа#*** якчанд бор бо хонандагон сароянд. Дар ин маврид бисёр муҳим аст, ки ҳиҷоҳои аввали ҳар як тақтеъ бо зарб (зада) талаффуз карда шаванд.

Чунончи:



Суруд бо 6 тақтеъ мусиқии сарахборӣ оғоз шуда, хонандагонро бо лаҳни (сози) суруд шинос месозад. Лаҳни мазкур барои хонандагон чизи нав аст. Гарчанде ки сози аслии суруд ***сол** минори гармоникӣ* аст, вале дар фуроварди ибораву ҷумлаҳои мусиқӣ оҳанг на дар нотаи (тони) асосии ***сол,*** балки дар нотаи зинаи 5-уми соз - ***ре*** қарор мегирад. Оҳанг танҳо дар ибораи хотимавӣ дар нотаи асосӣ (сози ***сол** минор*) қарор гирифта, ба итмом мерасад. Суруд аз нотаи ***до*** (зинаи 4-уми соз) шурӯъ мешавад ва ду мисраъ дар як ибораи оҳанг суруда мешавад.

Дар мавриди аз бар намудани порчаи оғози суруд ба тоза сурудани секундаи афзудаи ***ми ♭- фа #*** ва дар фуровард ба нотаи ***ре*** дар тақтеъҳои 2, 4-ум диққат дода шавад. Чунончи:




Дар мавриди омӯзонидани суруд (ибораҳои 3, 4-ум) ба тоза сароидани мисраи «Дар гирди санг аст лола» диққати махсус додан лозим аст: дар оҳанг ҷаҳишҳои фосилаи терсияи хурди ***фа#-ля*** ва ***до-ми ♭*** мавҷуданд, ки бояд тоза суруда шаванд. Чунончи:




Дар ибораи якуми нақарот (2 тақтеъ) нақшаи оҳанг андак тағйир ёфтааст, ки бояд аз мадди назари омӯзгор дур намонад. Дар тақтеи аввал се нотаи ҳаштякӣ пайиҳам ома-

дааст. Ҳангоми аз бар намудан сурудхонон бояд аз доираи зарбу усул набароянд. Ин ҷо бисёр муҳим аст, ки нотаи ***ре***-и пеш аз оғози нақарот бо нотаи ***си ♭***-и аввали тақтеи нақарот тоза суруда шавад.

Чунончи:




Сурудро бо самимият, мулоиму форам ва равону таъсирбахш иҷро намудан лозим аст.

Мусиқии Шералӣ ШАРИПОВ
Шеъри Ҳадиса ҚУРБОНОВА

# ФАСЛИ ДИЛАФРӮЗ



1.

Садбарг хандон гаштааст,
Булбул ғазалхон гаштааст.
Олам гулистон гаштааст,

*Нақарот:*

Дар иди Наврӯз,
Фасли дилафрӯз. } 2 бор

2.

Гулғунча чашмаш боз кард,
Сад ишваю сад ноз кард,
Айёми нек оғоз кард,

*Нақарот:*

Дар иди Наврӯз,
Фасли дилафрӯз. } 2 бор

3.

Ҳар ғунча дилбар мешавад
Ҳар лола афсар мешавад,
Монанди ахтар мешавад,

*Нақарот:*

Дар иди Наврӯз,
Фасли дилафрӯз. } 2 бор



Шеър ва мусиқии Ҷӯрахон ОБИДПУР

# ФАСЛИ БАҲОР





1.

Имсол баҳор серборон,
Рӯяд чоқлаву торон.
Дашту даман сабз шавад,
Ғалладона нағз шавад.

*Нақарот:*
Долу дарахт пургул аст,
Гул ҳамрози булбул аст.

2.

Ҷамбелак, сиёҳалаф,
Рӯйида дар ҳар тараф.
Чукрию қоқу бисёр,
Зебост фасли баҳор.

*Нақарот:*
Долу дарахт пургул аст,
Гул ҳамрози булбул аст.

*Диапазони суруд:* ***ре-до$_2$***

***Мазмуни барномавӣ.*** Ба хонандагон дар суръати хушҳолона иҷро намудани сурудро омӯхта, хусусияти шодонаву зиндадилонаи онро тасвир карда тавонистан. Малакаи дастаҷамъона суруданро ҳосил кардан. Диққати хонандагонро ба баён намудани мазмуни шеър равона кардан. Дар мавриди сурудро ёд додан ба тоза сурудани квартаи ***ре-сол*** (тақтеи 1-ум), квартаи ***ре-ля*** (нотаи охири тақтеи 4-ум ва нотаи 1-уми тақтеи 5-ум), терсияҳои ***фа-ля*** (нотаи охири тақтеи 2-юм ва 1-уми тақтеи 3-юм), ***ля-до$_2$*** (нотаи охири тақтеи 6-ум ва нотаи 1-уми тақтеи 7-ум), ***сол-ми*** ба поин (тақтеи 1-ум ва 3-юми нақарот) диққат додан. Талаффузи дурусти калимаҳои «ғалладона», «ҷамбелак», «сиёҳалаф»-ро алоҳида ҳиҷо ба ҳиҷо аз бар намудан. Диққат додан ба талаффузи буррои ҳамсадоҳои охири калимаҳои «серборо**н**», «дарах**т**», «тара**ф**» ва «зебос**т**».

***Дастури методӣ.*** Суруди «Фасли баҳор» дар андозаи шаш-ҳаштякӣ эҷод шуда, созаш ***ре*** *минор* мебошад. Ҳар як ибораи мусиқӣ аз ду тақтеъ иборат буда, ба як мисраъ шеър рост меояд.

Суруди мазкур бо 6 тақтеъ навозиши сарахборӣ оғоз шуда, дар нотаи асосӣ – ***ре*** қарор мегирад ва хонандагонро ба созу овози (тони) асосӣ шинос менамояд.

Пеш аз он ки омӯзгор ба омӯзонидани суруд шурӯъ намояд, бояд ритмикаи онро бо нотаи ***ля*** ба хонандагон ёд диҳад. Дар ин маврид ҳиҷоҳои аввали ҳар як тақтеъ бояд бо зарба (зада) ҷудо карда шавад. Чунончи:




Ритмикаи суруд дар иборахо яксон буда, танҳо дар банди якум, ҳиссаи аввали тақтеи 4-ум, дар нақша ба ҷойи талаффузи ҳиҷои дароз ҳиҷои кӯтоҳ омадааст, ки зарбу усулро халалдор намесозад. Чунончи:




Дар банди 2-юми суруд низ дар ду тақтеи пеш аз нақарот ҳиҷои «бост» аз калимаи «зебост» бо ду нотаи ***до*** пайваст иҷро карда мешавад, ки ба кашиши замонии он бояд диққат дод. Чунончи:




Суруд нақарот дорад. Нақарот бо як байт тарҳрезӣ шуда, хушоҳангу хотирмон аст ва он пас аз иҷрои 4 мисраъ шеъри банди аввал ва ҳам банди 2-юм такрор меёбад. Дар ин порча ба тоза сурудани терсияи хурди ***сол-ми*** ба поин, ки дар тақтеъҳои якум ва сеюм вомехӯрад, диққат додан лозим аст. Чунончи:




Суруд дар васфи баҳор буда, дар ин фасл борон бисёр меборад ва бо боридани борон ғалладона, гиёҳҳои фоидаовар аз қабили чоқла[1], торону ҷамбелак, сиёҳалаф, чукриву қоқу, ки одамон истеъмол мекунанд, мерӯяд ва дашту даман, пуштаҳо сабз мешаваду оламро зебо мегардонад. Дар ин мавсим дарахтон гул мекунанд ва булбули ошиқи гул бо чаҳ-чаҳи худ дилҳоро фараҳ мебахшад.

Мусиқии суруд дар суръати хушҳолона буда, хусусияти хушоҳангӣ дорад.

Сурудро бо овози маҳин, рӯҳбаланду дилнавозона ва шодонаву таъсирнок бояд иҷро кард.



1 Чоқла, торон ва ҷамбелак дар қатори сиёҳалаф, чукриву қоқу гиёҳҳои фоидаовар буда, дар талу теппаҳои ҷануби Тоҷикистон мерӯянд ва одамон онҳоро истеъмол мекунанд.

# Дарс–консерти 2

Дар охири чоряки чорум низ барои санҷидани маҳорат ва муайян кардани дараҷаи амалишавии барномаи таълимӣ, аз сурудҳои дар чоряки сеюм ва чорум азбарнамуда омӯзгор ҳамроҳи хонандагони синфи якум бо барномаи консертӣ бояд баромад намояд. Барномаи консертӣ дар ҳаҷми 15–20 дақиқа, аз сурудҳое, ки хонандагон дар ин ду чоряк аз бар кардаанд, тартиб дода шуда, бо иштироки синф барпо карда мешавад. Азбаски консерти мазкур консерти ҷамъбасти соли хониш аст, метавон 1-2 баромад аз сурудҳои дар ду чоряки аввал азбаркарда низ дар барнома дохил карда шавад.

Ба дарс-консерт волидон ва роҳбарияти мактаб даъват мешаванд. Ташкил ва баргузории он бар дӯши омӯзгор аст.

**Барномаи намунавии консерт[1]**

1. «Гулдара». Шеъри Наримон Бақозода, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур.
2. «Қоқу». Шеъри Юсуф Аҳмадзода, мусиқии Қудратулло Яҳёзода.
3. «Фасли баҳор». Шеър ва оҳанги Ҷӯрахон Обидпур.
4. «Мурғобӣ». Шеъри Асад Гулзода, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур.
5. «Гули лола». Шеър ва оҳанги Ҷӯрахон Обидпур.
6. «Усто парасту». Шеъри Алӣ Бобоҷон, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур.
7. «Бузғола». Шеър ва мусиқии Ҷӯрахон Обидпур.
8. «Варзиш». Шеъри Алӣ Бобоҷон, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур.

---

1 Ҳаҷм ва тартиби баромадҳоро омӯзгор метавонад мувофиқи хоҳиши худ интихоб намояд.

## Замима

Шеър ва мусиқии Ҷӯрахон ОБИДПУР

# БУЗҒОЛА





1.

Бузғола бозӣ мекард,  
Ҳам даву тозе мекард. } 2 бор  
Гаҳ шир хӯрад, гаҳ алаф,  
Метозад ӯ ҳар тараф. } 2 бор  
(Ҳе... Метозад ӯ ҳар тараф).

2.

Бузғолаам балоча,  
Почаҳояш алоча. } 2 бор  
Нон мехӯрад аз дастам,  
Бузғолаи ширмастам. } 2 бор  
(Ҳе... Бузғолаи ширмастам).

***Диапазони суруд:*** ***до-до$_2$***

***Мазмуни барномавӣ.*** Ба хонандагон шодонаву хушҳолона суруданро ёд додан. Сурудро бо овози сабук иҷро намуда, оҳангро, ки ҳаракаташ аз поин ба болост, тоза сароидан. Баъди ҳар ду тақтеъ якҷо нафас гирифтан. Ҳиҷоҳои дар аввали тақтеъ омадаро бо задаи шиддатнок иҷро намуда, мисраъҳоро бурро талаффуз кардан.

Диққат дода шавад, ки дар тақтеъҳои 3- юму 7- ум терсияҳои хурди ***сол-ми, до$_2$-ля*** ба поин ва дар тақтеи 5- ум квартаи ***сол-ре*** ба поин тоза суруда шавад.

Ҳамсадоҳо дар охири калимаҳои «мекар**д**», «тара**ф**», «мехӯра**д**», «дас-та**м**» ва «ширмаста**м**» ҳангоми сароидан наафтода, бурро талаффуз карда шаванд.

***Дастури методӣ.*** Пеш аз он ки омӯзгор ба омӯхтани суруд шурӯъ кунад, ӯро лозим аст, ки хонандагонро бо мазмуни шеър шинос намояд ва чанд дақиқа бо онҳо саволу ҷавоб кунад. Аз хонандагон пурсад, ки кадоми онҳо бузғоларо медонанд ё боре аз наздик онро дидаанд? Кӣ бо дасти худ ба бузғола алаф додааст?

Мусиқии суруд шӯху рақсист ва аз 10 тақтеъ (бо ҳисоби такрораш) оҳанги сарахборӣ иборат аст. Зарбу усул дар ду тақтеи пеш аз оғози суруд дар шакли омехта омада, бояд то охир якзайл нигоҳ дошта шавад.

Суруди «Бузғола» дар андозаи шаш-ҳаштякӣ эҷод шуда, созаш ***ре*** *минор* ва суръати он хушҳолона мебошад. Аммо зарбу усули суруд барои хонандагон чизи нав аст.

Ба иборαи аввали суруд диққат диҳед: нақшаҳо дар тақтеи аввал ва дар тақтеи дуюм мухталифанд. Чунончи:



Ҳамчунин банди аввали байти дуюм низ бо нақшааш аз ҷиҳати ритмика бо тарзи талаффузи дурусти шеър дар оҳанг аз байти дуюми ҳамин банд фарқ мекунад. Чунончи:




Омӯзгорро зарур аст, ки ҳангоми ёд додани суруд ба талаффузи ду-русти ҳар мисраъ ва байт диққати махсус диҳад.

Бо вуҷуди баъзе тафовутҳои ритмикӣ, суруди мазкур ниҳоят дилнавоз ва хушоҳангу хотирмон аст.

Ҳадафи ин суруд дар хонандагон бедор кардани меҳру шафқат ба ҳайвонот мебошад. Бинобар ин суруд, ки хусусияти хушоҳангӣ ва зарбу усули рақсӣ дорад, бояд сабук, бо шавқу завқ, таъсирбахшу хушҳолона иҷро карда шавад.

Мусиқии Ҷӯрахон ОБИДПУР
Шеъри Асад ГУЛЗОДА

# МУРҒОБӢ



1\.

Эй мурғи нағзи обӣ,
Дар обҳо чӣ кобӣ?
Ман мурғи об ҳастам, } 2 бор
Бо ҷон варо парастам.

*Нақарот:*
Обам рафиқи ҷонист, } 2 бор
Бунёди зиндагонист.

2\.

Бистари гармам об аст,
Болини нармам об аст.
Ҳам обро бикобам, } 2 бор
То ризқи хеш ёбам.

*Нақарот:*
Обам рафиқи ҷонист, } 2 бор
Бунёди зиндагонист.



Диапазони суруд: ***ре-до$_2$***

***Мазмуни барномавӣ.*** Диққати хонандагонро ба он нигаронидан лозим аст, ки онҳо тасвиркунандаи хусусияти оҳанги сарахбор-тақлидкори овози мурғобӣ бошанд. Дар сурудсароӣ хусусиятҳои навозишкорӣ, хушоҳангии сурудро ифода карда тавонанд. Диққатро баҳри он равона кардан зарур аст, ки хонандагон бо ёрии омӯзгор ва мустақилона ҳар як нота (овоз)-ро дақиқ дар суръати муътадил суруда тавонанд. Омӯзгор бояд ба тоза сурудани терсияҳои ***ми-сол, фа-ля, сол-си*** ♭ ба боло, квартаҳои ***ре-сол*** ба боло ва ***сол-ре*** ба поин, квинтаи ***ре-ля*** ба боло назорат барад. Диққат додан лозим аст, ки ҳамсадоҳо дар охири кали-

маҳои «ҳаста**м**», «параста**м**», «ҷонис**т**», «зиндагонис**т**», «гарма**м**», «нарма**м**» ва «бикоба**м**» бурро талаффуз карда шавад.

***Дастури методӣ.*** Суруди «Мурғобӣ» дар андозаи шаш-ҳаштякӣ тарҳрезӣ шуда, созаш ***ре** минор* ва ибораҳо баробари 2 тақтеъ мебошад. Зарбу усули оҳанг ба бачаҳо шинос аст, чунки суруди мазкур дар ритмикаи суруди «Бузғола» эҷод шудааст, ки онҳо онро пештар аз бар карда буданд. Аммо дар чанд ҷойи суруди «Мурғобӣ», бо сабаби он ки калимаҳои «об» ва «хеш» дар вазн ба дарозии ду-се ҳаштякӣ кашиши замонӣ доранд ва бо нотаи баъдӣ пайваст суруда мешаванд, тарзи иҷрои баъзе порчаҳо каме тағйир ёфтааст. Чунончи, ибораи 2-юми суруд ин тарз иҷро карда мешавад:




Ё ки калимаи «об» дар банди аввали байти дуюм ба дарозии се-ҳаштякӣ кашиши замонӣ дорад. Чунончи:




Ҳамин тариқ, калимаи «хеш» дар мисраи «То ризқи хеш ёбам» аз банди 2-юми суруд, ки дар 2 тақтеи пеш аз нақарот суруда мешавад, ба ин тарз аст:



Нақароти суруд бо як байт тарҳрезӣ шуда, аз нотаи паст (асосӣ) то нотаи баландтарини суруд (***до***$_2$)-ро фаро гирифтааст ва дар он ҷаҳишҳои фосилаҳои квинта (***ре-ля***), кварта (***сол-ре, сол-до***$_2$) ва терсияҳои ***фа- ля***, ***си ♭–сол*** ба поин ва ***сол-си ♭*** ба боло ҷо дорад. Дар мавриди омӯхтан ба тоза сурудани онҳо диққат додан лозим аст. Чунончи:




Баъд аз нақарот муаллифи мусиқӣ 6 тақтеъ оҳанг бо ҳиҷоҳои «ға-ға», ки тақлидкорӣ ба овози мурғобист, илова намуда, нақаротро пурмазмунтар кардааст, ки ин навоварӣ ба бачаҳо хуш меояд. Оҳанги мансуб ба тақлидкорӣ дар фосилаи кварта (***сол-ре*** ба поин) суруда мешавад. Барои ба овози мурғобӣ хубтар тақлид намудан хонандагон бояд ҳангоми сурудани порчаи мазкур даҳонашонро калон кушоянд ва бар он кӯшанд, ки тақлидашон воқеӣ бошад. Чунончи:




Суруд дар васфи яке аз парандаҳои хонагӣ–мурғобӣ, ки ба одам манфиатовар аст, иншо гардидааст ва бояд бо шавқу завқ, озодонаву шодона ва бо камоли меҳрубонӣ иҷро карда шавад.

Мусиқии Парвина СОҲИБОВА
Шеъри Ҷӯра ҲОШИМӢ

# ПАРАСТУ



1.
Парастуҷон, парасту,
Чӣ гуна хушпар аст ӯ!
Чӣ гуна беғубор аст,
Чу духтари баҳор аст. } 2 бор

*Нақарот:*
Накун дигар ҳавас ту,
Нарас ту бар парасту! } 2 бор

2.
Аҷаб накусиришт аст,
Чу мурғаки биҳишт аст.
Нигар намуди нағзаш,
Шунав суруди нағзаш.



*Нақарот:*
Накун дигар ҳавас ту,
Нарас ту бар парасту! } 2 бор

***Диапазони суруд:*** ***ре-си***

***Мазмуни барномавӣ.*** Ба хонандагон ба симои шинос (парасту) таваҷҷуҳ намуданро ёд додан. Оҳангдор (бо интонатсия) сароиданро зери назорат гирифтан. Бо иҷрои сарахбор якҷоя бо омӯзгор ва бе иштироки омӯзгор ба хонандагон ёд додани суруд. Пас аз сароидани ҳар як ибора якҷоя нафас гирифтан ва иборай баъдиро якҷо оғоз намудан. Ба хонандагон ёд додани тоза сурудани квинтаи ***ре-ля*** ба боло, терсияҳои ***фа # -ля*** ва ***ми-сол***-ро ба боло, талаффузи дурусти калимаҳои «парастуҷон», «хушпараст» ва «накусиришт» (алоҳида ба ҳиҷоҳо тақсим карда). Дар

мавриди сурудхонӣ ҳамсадоҳои охири калимаҳои «беғубо**р**», «баҳо**р**», «ҳава**с**», «биҳиш**т**» ва «нағза**ш**»-ро бурро талаффуз кардан.

***Дастури методӣ.*** Суруди «Парасту» дар андозаи шаш-ҳаштякӣ тарҳрезӣ шуда, созаш ***ре*** *мажор* ва иборахои мусиқӣ дутактеиянд. Хонандагон мусиқии сарахборро шунида, ба сози суруд шинос ва ба сурудхонӣ омода мешаванд. Бинобар ин омӯзгор бояд 8 тактеъ мусиқии сарахборро якчанд бор иҷро кунад, то ки хонандагон онро хуб аз бар намуда, сурудхониро дар вақташ сар кунанд.

Пеш аз он ки омӯзгор ба омӯзонидани суруд шурӯъ кунад, бояд ӯ ритмикаи оҳангро ба хонандагон ёд диҳад.

Ритмикаи умумии суруд чунин аст.




Ритмикаи мазкур барои хонандагон чизи нав буда, дар ҷо-ҷои иборахо нақшаи оҳанг тағйир ёфтааст. Чунин аст, ки дар баъзе иборахо як ҳиҷо бо ду нота пайваст суруда мешавад. Ин ба хонандагон андак мушкилӣ пеш меорад. Бинобар ин сурудро ибора ба ибора аз бар намудан лозим аст. Дар мавриди иҷрои чунин иборахо кӯшиш бояд кард, ки сароянадагон аз доираи зарбу усул берун набароянд. Чунончи:



Суруд авҷи алоҳида (калон) надорад. Порчаи боло қуллаи баланди оҳанги суруд буда, он зина ба зина ба овози асосӣ (***ре***) фуромадааст.

Нақарот, ки аз як байт иборат аст, дар сеовозагии сози ***ре*** *мажор* тарҳрезӣ шуда, як банди сурудро пурратар месозад. Ҳангоми иҷрои нақарот ба мазмуни байт бештар диққат дода, онро мебояд бо овози маҳин, навозишкорона иҷро кард.Чунончи:




Ҳамин тариқ, суруд дар ду банд сароида мешавад ва азбаски суруд дар васфи парандаи ба одам дӯсту беозор–парастуст, дар мавриди иҷро намудани он нисбати ин парандаи зебояк бо камоли меҳрубонӣ муносибат карданро ба хонандагон фаҳмонидан мувофиқи мақсад аст.

Мусиқии Борис АБДУРАҲМОНОВ
Шеъри Ҷӯра ҲОШИМӢ

# МОДАРҶОНАМ, МОДАРҶОН





| 1. | 2. |
|---|---|
| Роҳату ороми мо,<br>Пухтагари хоми мо,<br>Хуш зиҳӣ бо номи мо,<br>Модарҷонам, модарҷон. } 2 бор | Некутарини олам,<br>Дилҷӯтарини олам,<br>Хушрӯтарини олам,<br>Модарҷонам, модарҷон. } 2 бор |

*Диапазони суруд:* **ре-до$_2$.**

*Мазмуни барномавӣ:* эҳсосоти хайрхоҳонаро ба сурудхонӣ инкишоф дода, оғоз кардани сурудро (баъди сарахбор) якҷоя бо омӯзгор ва бе иштироки омӯзгор ба хонандагон ёд додан; ба сурудани як ҳиҷо бо ду нота, ки дар суруд ҷой дорад, диққат додан; аз бар намудани навозишҳо дар

байни ибораҳо; бурро талаффуз кардани ҳамсадоҳо дар охири калимаҳои «модара**м**», «модарҷо**н**» ва «ола**м**».

***Дастури методӣ.*** Суруди «Модарҷонам, модарҷон» дар андозаи ду-чорякӣ эҷод шуда, ибораҳо ба 3 тақтеъ баробаранд.

Барои хубтару зудтар аз бар намудани зарбу усули оҳанг омӯзгорро лозим аст, ки машқи зерро якчанд бор бо хонандагон такрор ба такрор якҷо сарояд. Чунончи:




Оҳанги суруд содаву равон аст. Танҳо дар тақтеъҳои 11-12, ки як ҳиҷо дар ду тақтеъ бо овоз пайваст суруда мешавад, диққати махсус додан лозим аст ва ибораи мазкурро бояд алоҳида омӯхт. Чунончи:




Барои талаффузи дурусти мисраъҳои шеър лозим аст, ки ҳиҷоҳои аввали ҳар як тақтеъ бо зарб (зада) ба ин тарз ҷудо карда шавад: «Мо- дар- ҷо- нам-мо- дар- ҷон». Суруд аз 6 тақтеъ навозиши сарахборӣ иборат буда, авҷи калон (баланд) надорад. Аз ин рӯ, ҳангоми омӯхтан ба хонандагон мушкиле пеш намеорад.

Матни суруд дар васфи модар буда, тарзи иҷрои он бояд ниҳоят самимона ва саршор аз меҳру муҳаббат бошад. Мазмуни шеърро бо оҳанг пайваста, сурудро бисёр дилнавозу форам ва таъсирбахш бояд иҷро кард.

Мусиқии Назира ҲАМДАМОВА
Шеъри Мирсаид МИРШАКАР

# МАН КАЛОН МЕШАВАМ





1.

Ман калон мешавам,
Қаҳрамон мешавам,
Бар диёри худам,
Посбон мешавам.

*Нақарот:*
Ҷисми ман, ҷони ман,
Тоҷикистони ман. } 2 бор

2.

Гул барин дар чаман
Бишкуфад бахти ман.
Доимо дар дилам
Маҳкам аст ин сухан:

*Нақарот:*
Ҷисми ман, ҷони ман,
Тоҷикистони ман. } 2 бор

***Диапазони суруд:*** ***ре-си.***

***Мазмуни барномавӣ:*** ба хонандагон хусусияти ботантана ва бо қиёфаи ҷиддӣ суруданро фаҳмонда, мазмуни шеърро ба онҳо гуфтан; сурудро дар суръати марш, рӯҳбаланду шодона ва бурро сароидан; бояд кӯшид, ки дар оғози суруд квинтаи ***ре-ля*** ба боло, терсияҳои ***сол-си*** (тақтеъҳои 3, 7-ум) ба боло ва квартаҳои ***ре-сол*** дар нақарот тоза сароида шаванд. Садоноки «е» дар калимаи «мешавам», садоноки «о» дар калимаҳои «посбон», «Тоҷикистон» бояд андак кашишдор ва ҳамсадоҳо дар охири калимаҳо наафтода, бурро талаффуз карда шаванд.

***Дастури методӣ.*** Суруд бо 6 тақтеъ навозиши сарахборӣ оғоз шуда, чор тақтеи аввалаш оҳанги нақарот мебошад ва дар тақтеъҳои 5-6 нақши усулро ифода мекунад. Ҳамзамон мусиқии нақарот хонандагонро ба сурудхонӣ ва сароидани овози (тони) асосӣ омода месозад.

Суруди «Ман калон мешавам» дар андозаи шаш–ҳаштякӣ тарҳрезӣ шуда, созаш ***ре*** *мажор* ва ҳар як ибораи мусиқӣ баробари як мисраъ шеър аст. Ритмикаи суруд содаву равон мебошад ва нақшаи он дар тақтеи 4-уми оҳанг тағйир ёфтааст. Ин ҷо ҳиҷои «ме» аз калимаи «мешавам» бо ду нота пайваст суруда мешавад. Дар мавриди иҷрои чунин тақтеъҳо омӯзгор бояд ба сурудхонон диққат диҳад, то ки онҳо аз доираи зарбу усул берун набароянд. Чунончи:



Байти дуюм низ дар оҳанги байти аввал сароида мешавад ва нақарот, ки аз як байт иборат аст, ҳар ду бандҳоро ба итмом мерасонад. Дар нақарот ба тоза сурудани квартаҳои ***ре-сол*** ва терсияи ***сол-си*** диққат додан лозим аст. Азбаски ҷумлаи аввал ҳангоми такрор дар зинаи панҷум – нотаи ***ля*** қарор гирифтааст, ин ҷо аломати волта истифода бурда шудааст. Дар мавриди такрори нақарот бори аввал волтаи 1-ум ва бори дуюм волтаи 2-юм иҷро карда мешавад. Чунончи, волтаи 1-ум:




Ҳамин тариқ, суруд дар ду банд сароида мешавад.

2-4 нафар писарбача дар сароидани суруд яккахон шуда, дигарон (хор) дар мавриди иҷрои нақарот (тавре ки дар маводди нотавии суруд ишора шудааст) онҳоро ҳамовозӣ мекунанд.

Азбаски мазмуни шеър саросар орзуи хонандагон аст ва онҳо ният доранд дар оянда калон шаванду қаҳрамон ё бар ватани худ посбон шаванд, хонандагонро водор месозад, ки сурудро рӯҳбаландонаву ботантана, таъсирноку оҳангдор ва фораму бурро иҷро кунанд.

Мусиқии Ҷамила РУСТАМОВА
Шеъри Нуъмон РОЗИҚ

# ДАСТЁР




Дастёри оча
Манам дар хона.
Ёрӣ диҳамаш
Ман бе баҳона.
Хамир мекунам
Очаам барин.
Худам мепазам
Нонаки ширин.
} 2 бор

Онро аз танӯр
Меканам тафсон.
Рӯякаш суп-сурх,
Зеби дастархон.
Канӣ, шиканед
Нонаки маро.
Марҳамат кунед,
Орад иштиҳо!
} 2 бор

Мусиқии Ҷӯрахон ОБИДПУР
Шеъри Халифабобо ҶУМЪАЗОДА

# ЗАБОНИ ТОҶИК




1.
Забони шеър аст
Забони тоҷик.
Ҷаҳони меҳр аст
Макони тоҷик. } 2 бор

2.
Забони тоҷик
Бақои кишвар,
Ба ҳар яки мост
Чу меҳри ховар. } 2 бор

## Мундарича


**Сарсухан** .................................................................................. 5

**Занги аввал**

*Шеъри Х. Ҷумъазода, мусиқии Ҷ. Обидпур* ................................ 8

**Мактаб**

*Шеъри М. Миршакар, Мусиқии Ҷ. Рустамова* ...............................10

**Ман кистам?**

*Шеъри Гулназар, мусиқии А.Тошматов* ......................................... 12

**Варзоб**

*Шеъри Нақиб Саид, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур* ............................ 16

**Ватан**

*Шеъри Б. Каримов, мусиқии Т. Аюбов* .......................................... 21

**Усто парасту**

*Шеъри Алӣ Бобоҷон, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур* ........................... 25

**Миратулло Атоев** ......................................................................... 29

**Бузи ало**

*Шеъри Нуъмон Розиқ, мусиқии Миратулло Атоев* .......................... 32

**Туҳфаи бобо**

*Шеъри Алӣ Бобоҷон, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур* ........................... 35

**Дарс–консерти 1** ........................................................................... 39

**Барфак**

*Шеър ва мусиқии Ҷӯрахон Обидпур* ............................................... 40

**Алифбо**

*Шеъри Гулназар Келдӣ, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур* ....................... 45

**Ман ту барин**

*Шеъри Наримон Бақозода, мусиқии Н. Ҳамдамова* ........................ 49

**Модарам**

*Шеъри Собир Султон, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур* ........................... 53

**Варзиш**
*Шеъри Алӣ Бобоҷон, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур* ............................ 58
**Қудратулло Яҳёзода** ........................................................................ 63
**Қоқу**
*Шеъри Юсуфҷон Аҳмадзода, мусиқии Қудратулло Яҳёзода* ......... 66
**Гулдара**
*Шеъри Наримон Бақозода, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур* .................. 71
**Гули лола**
*Шеър ва мусиқии Ҷӯрахон Обидпур* ................................................ 75
**Фасли дилафрӯз**
*Шеъри Ҳадиса Қурбонова, мусиқии Ш. Шарипов* ............................ 80
**Фасли баҳор**
*Шеър ва мусиқии Ҷӯрахон Обидпур* ................................................ 82
**Дарс–консерти 2** ............................................................................. 87
Замима:
**Бузғола.**
*Шеър ва мусиқии Ҷӯрахон Обидпур* ............................................ 88
**Мурғобӣ**
*Шеъри Асад Гулзода, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур* ........................ 92
**Парасту**
*Шеъри Ҷӯра Ҳошимӣ, мусиқии Парвина Соҳибова* ....................... 96
**Модарҷонам, модарҷон.**
*Шеъри Ҷӯра Ҳошимӣ, мусиқии В. Абдураҳмонов*...........................100
**Ман калон мешавам**
*Шеъри Мирсаид Миршакар, мусиқии Н. Ҳамдамова*......................103
**Дастёр**
*Шеъри Нуъмон Розиқ, мусиқии Ҷамила Рустамова* .................... 107
**Забони тоҷик**
*Шеъри Х. Ҷумъазода, Мусиқии Ҷ. Обидпур* ....................................108

ҶӮРАХОН ОБИДПУР

# СУРУД ва МУСИҚӢ

**Китоби дарсӣ барои синфи 1-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Наср Бобои Сарфароз |
| Муҳаррири техникӣ | Наҷмиддин Зайниддинов |
| Мусаҳҳеҳ | Меҳрӣ Саидова |
| Нотачин | Садом Рустамов |
| Рассом | Сайёра Имоддинова |
| Тарроҳ | Иқбол Сатторов |

Ба матбаа 17.01.2018 супорида шуд. Ба чоп 01.06.2018 иҷозат дода шуд.
Андозаи 70х90 1/16. Коғази офсети №1. Чопи офсет.
Ҷузъи чопӣ 7,0. Адади нашр 120 000 нусха. Супориши №13/2018.

Муассисаи нашриявии “Маориф”-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66.
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Китоб дар матбааи ҶДММ “Полиграф групп” чоп шудааст.
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Ҳувайдуллоев, 113.
e-mail: info@polygraph-group.tj | www.polygraph-group.tj